КОР ДАР РУСИЯ:

# ҲУҚУҚИ муҳоҷирони меҳнатӣ

*ва дигар маслиҳатҳои муфид*




ПРОФСОЮЗ РАБОТНИКОВ ПИЩЕВОЙ И ТАБАЧНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ, ТОРГОВЛИ, УСЛУГ И СМЕЖНЫХ ОТРАСЛЕЙ
НОВОПРОФ

# МУНДАРИЧА:


СУХАНОНИ ИФТИТОҲӢ ........ 3

ВОРИД ШУДАН БА РОССИЯ ........ 5

БА ҚАЙД ГИРИФТАН ........ 8

ДАР РОССИЯ КОР КАРДАН: ПАТЕНТ ВА ОНРО ЧИ ТАВР БОЯД ГИРИФТ ........ 12

КОР КАРДАН ДАР РОССИЯ:ҚАРОРДОД БО КОРФАРМО ........ 21

КОР КАРДАН ДАР РОССИЯ: ҲУҚУҚҲОИ ШУМО ДАР ҶОИ КОР ........ 28

ЧИ ТАВР МЕТАВОНЕД ҲУҚУҚҲОИ ХУДРО ДАР ҶОИ КОР МУҲОФИЗАТ КУНЕД 37

ЁРИИ ТИББӢ ........ 42

АГАР ШУМО БЕ КОР МОНЕД ........ 46

АГАР БА РОССИЯ ҲАМРОҲИ ШУМО КӮДАКОН САФАР КУНАНД ........ 48

РӮБАРӮ ГАРДИДАН БО КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ........ 51

МАНЪИ ВОРИДШАВӢ ........ 54

# СУХАНОНИ ИФТИТОҲӢ!

Агар Шумо ба Россия аз ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Молдова, Тоҷикистон, Ӯзбекистон ва Украина барои кор кардан омада бошед, ин брошюра ба Шумо кӯмак мекунад. Маълумотномаи мазкур инчунин ба шахсоне, ки аз ҷумҳуриҳои Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон омадаанд, кӯмак мерасонад, танҳо фарқият дар он аст, ки ба шаҳрвандони ин чор кишвар гирифтани патент зарур нест.

Чи тавр дар Россия қонунан ба кор даромадан мумкин аст? Барои вайрон накардани қонунгузорӣ оид ба муҳоҷират чи кор бояд кард? Барои фиреб нахӯрдан вақти ба кор даромадан чи бояд кард? Агар чунин ҳолат рух диҳад ва Шумо фаҳмидед, ки корфармо ё "бригадир"-и Шумо қаллоб аст, чи кор бояд кард? Дар ҳолатҳои мушкил ки кӯмак мекунад?

Шумоҷавоби ҳамаи ин саволҳоро дар брошюраи мо метавонед пайдо кунед.

Ҷавобҳоро барои Шумо ҳуқуқшиносон, шахсони муҳофизаткунандаи ҳуқуқ ва кормандони иттифоқи касаба таҳия кардаанд. Мо барои навиштани ин ҷавобҳо қонунҳоро омӯхтем, дар амал ба муҳоҷирон кӯмак кардем ва ҳамаи он чизеро, ки муайян намудем, кӯшиш кардем бо забони фаҳмо нависем.

Умедворем, ки натиҷаи меҳнати мо ба Шумо кӯмак мекунад.

Дар саҳифаҳои охирон мо инчунин рақами телефон, почтаи электронӣ ва суроғаҳои худро гузоштем. Шумо ҳамеша метавонед ба ташкилотҳои мо муроҷиат кунед ва мо кӯшиш мекунем ба Шумо кӯмак расонем! Маслиҳат дар ташкилотҳои мо бепул аст.

МАСЛИҲАТ

**МУҲИМ аст!** Қонунҳои Россия доимо тағйир ёфта меистад. Шояд аз он рӯзе, ки матни мазкурро навистем, ягон меъёри қонун эътибори худро гум карда дигар меъёрҳои нав қабул шуда бошад. Барои ҳамин мо ба ҳама шахсоне, ки ба Россия барои кор меравand, ҳатмантавсия медиҳем, ки пешакӣ ба иттифоқҳои касаба дар кишвари худ, ба сафорат, ба шӯъбаҳои Вазорати корҳои хориҷӣ ва ё ташкилоте, ки барои пайдо кардани ҷои кор кӯмак мекунад, барои маслиҳат муроҷиат кунанд.



# ОБРАЗЕЦ ЗАПОЛНЕННОЙ МИГРАЦИОННОЙ КАРТЫ

"А" (Въезд/Arrival)

**Республика Беларусь / Republic of Belarus** — **Российская Федерация / Russian Federation**

**Миграционная карта / Migration Card** — Серия/Serial **РБ** №

| | |
|---|---|
| Фамилия/Surname (Family name) | С Е Р Г Е Е В А |
| Имя/Given name(s) | Н И Н А |
| Отчество/Patronymic | В И К Т О Р О В Н А |

| Дата рождения/Date of birth | | | Пол/Sex | |
|---|---|---|---|---|
| День/Day | Месяц/Month | Год/Year | Муж./Male | Жен./Female |
| 3 1 | 0 5 | 1 9 5 7 | | X |

Гражданство/Nationality: У К Р А И Н А

Документ, удостоверяющий личность/Passport or other ID: 2 0 4 3 0 3 5

Номер визы/Visa number: —

Цель визита (нужное подчеркнуть) / Purpose of travel (to be underlined): Служебный/Official, Туризм/Tourism, Коммерческий/Business, Учёба/Education, Работа/Employment, Частный/Private, Транзит/Transit

Сведения о приглашающей стороне (наименование юридического лица, фамилия, имя (отчество) физического лица), населенный пункт / Name of host person or company, locality: **ОДО "Моя радость"** **г. Минск**

Срок пребывания/Duration of stay: С/From: **01-01-2007** До/To: **14-01-2007**

Подпись/Signature: **Сергеева**

Служебные отметки/For official use only

Въезд в Республику Беларусь/Российскую Федерацию / Date of arrival in the Republic of Belarus/Russian Federation

Выезд из Республики Беларусь/Российской Федерации / Date of departure from the Republic of Belarus/Russian Federation

"Б" (Выезд/Departure)

**Республика Беларусь / Republic of Belarus** — **Российская Федерация / Russian Federation**

**Миграционная карта / Migration Card** — Серия/Serial **РБ** №

| | |
|---|---|
| Фамилия/Surname (Family name) | С Е Р Г Е Е В А |
| Имя/Given name(s) | Н И Н А |
| Отчество/Patronymic | В И К Т О Р О В Н А |

| Дата рождения/Date of birth | | | Пол/Sex | |
|---|---|---|---|---|
| День/Day | Месяц/Month | Год/Year | Муж./Male | Жен./Female |
| 3 1 | 0 5 | 1 9 5 7 | | X |

Гражданство/Nationality: У К Р А И Н А

Документ, удостоверяющий личность/Passport or other ID: 2 0 4 3 0 3 5

Номер визы/Visa number: —

Цель визита (нужное подчеркнуть) / Purpose of travel (to be underlined): Служебный/Official, Туризм/Tourism, Коммерческий/Business, Учёба/Education, Работа/Employment, Частный/Private, Транзит/Transit

Сведения о приглашающей стороне (наименование юридического лица, фамилия, имя (отчество) физического лица), населенный пункт / Name of host person or company, locality: **ОДО "Моя радость"** **г. Минск**

Срок пребывания/Duration of stay: С/From: **01-01-2007** До/To: **14-01-2007**

Подпись/Signature: **Сергеева**

Служебные отметки/For official use only

Въезд в Республику Беларусь/Российскую Федерацию / Date of arrival in the Republic of Belarus/Russian Federation

Выезд из Республики Беларусь/Российской Федерации / Date of departure from the Republic of Belarus/Russian Federation

** Намунаи корти пур*

# ВОРИД ШУДАН БА РОССИЯ

Ҳангоми ворид шудан ба Россия дуруст пур кардани корти муҳоҷират бениҳоят муҳим аст. Ин ҳуҷҷати хурде иборат аз саволҳои оддӣ мебошад, ки ба онҳо ҷавоб додан зарур аст. Шумо бо кадом роҳ аз сарҳад нагузаред, ба Шумо онро медиҳанд: онро дар автобус ронанда, дар поезд ходими вагон (проводник), дар ҳавопаймо стюардесса медиҳад. Агар чунин кортро ба Шумо ягон кас надиҳад ё Шумо бо автомашина рафта истода бошед, кортро ба Шумо дар сарҳад медиҳанд.

**МУҲИМ аст!** Кортҳои муҳоҷират ройгон (бепул) дода мешавад!

Корти муҳоҷиратро метавонед бо ҳарфҳои кириллӣ (русӣ) ё лотинӣ пур кунед.

Дар корти муҳоҷират кадом саволҳо дода мешавад?

Ном, номи падар ва насаб, маълумоти шиноснома. Дар корти муҳоҷират инчунин нишон додан зарур аст, ки дар Россия Шумо ба назди ки меравед (қатори “Маълумот оид ба шахси даъваткунанда”). Ин метавонад ном ва суроғаи хешу табор ё шиноси шумо; ном ва суроғаи меҳмонхона; ё ному суроғаи ширкате бошад, ки Шумо нақша доред дар он ҷо кор кунед.



МУҲИМ аст! **Агар Шумо ба Россия барои кор рафта истода бошед, дар қатори “Мақсади сафар” ҳатман бояд “Кор” нависед. Агар Шумо мақсади дигарро нависед, патент гирифта наметавонед.**

Корти муҳоҷират аз ду қисм иборат аст: “А”ва“Б”. Ҳардуи қисми онро бояд бодиққат пур кунед. Дар сарҳад кормандони нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ қисми “А”-и корти муҳоҷиратро ба худ мегиранд ва қисми “Б”-ро ба Шумо баргардонда медиҳанд. Эътибор диҳед: дар саҳифаи оқиби қисми “Б” –и корти муҳоҷиратӣ кормандони нуқтаи гузаргоҳи сарҳадӣ бояд қайд (штамп) дар бораи даромадан ба Россия гузоранд.

МУҲИМ аст! **Дуруст пур кардани корти муҳоҷират, гирифтани мӯҳр ба он бисёр муҳим аст ва онро бояд ҳатман нигоҳ доред!**

Агар Шумо корти муҳоҷиратро гум кунед ё ягон ҷои он осеб бинад, дар давоми 3 рӯзи аввал ҳатман ба идораи наздиктарини Сарраёсати масъалаҳои муҳоҷирати Вазорати корҳои дохилии Россия (СММ ВКД) дар он шаҳр ё деҳае, ки ҳастед, рафта ариза диҳед. Шиноснома ва билети худро, ки дар асоси он ба Россия ворид шудед, нишон диҳед ва ба Шумо дубликати корти муҳоҷиратро бепул медиҳанд.

МАСЛИҲАТ

ВКД дар интернет сомонаи худро дорад: **https://мвд.рф**. Масалан, дар ин ҷо харитаи интерактивии тамоми зерсохторҳои ВКД (аз ҷумла Раёсати масоили муҳоҷират), суроғаи онҳо ва маълумот барои тамос оварда шудааст.

МУҲИМ аст! **Дубликати корти муҳоҷират бепул дода мешавад!**

МУҲИМ аст! **Дар вақти ворид шудан ба Россия билетеро, ки дар асоси он ба кишвар ворид шудед, нигоҳ доред! Он метавонад дар оянда зарур шавад.**

# ҲАМИН ТАВР

ВОРИД ШУДАН БА РОССИЯ

» Дар сарҳад корти муҳоҷиратро гирифта ҳарду тарафи онро дуруст пур кунед.

» Боварӣ ҳосил кунед, ки дар он қисми корти муҳоҷират, ки ба Шумо медиҳанд, штамп оид ба вуруд бошад.

» Корти муҳоҷиратро то аз Россия баромадан нигоҳ доред.

» Билетеро, ки дар асоси он ба Россия даромадед, нигоҳ доред.

» Корти муҳоҷират ва дубликати он бепул дода мешавад.

# БА ҚАЙД ГИРИФТАН

Барои дар ҳудуди Россия қонунан ҳузур доштан пеш аз ҳама **бақайдгирии муваққатиро ба расмият даровардан зарур аст** (номи расмии ҳуҷҷати мазкур дар асл дарозтар аст: "огоҳинома оид ба омадани шаҳрванди хориҷӣ ба ҷои истиқомат").

Ин корро **дар давоми 7 рӯзи корӣ** аз вақти ба Россия дохил шудан иҷро кардан зарур аст. Шаҳрвандони Тоҷикистон метавонанд дар давом 15 рӯз худро ба қайд монанд. Шаҳрвандони Қазоқистон, Қирғизистон, Арманистон, ки нақшаи кор кардан доранд, метавонанд дар Россия бе қайд 30 рӯз зиндагӣ кунанд, шаҳрвандони Украина ва Беларус бошад 90 рӯз метавонанд бе қайд гарданд.

## ЯКЧАНД РОҲҲОИ БАҚАЙДГИРӢ ВУҶУД ДОРАД:

1 Агар Шумо дар меҳмонхона, меҳмонсарой, хостел ё хобгоҳи шакли меҳмонхона (яъне дар ягон хобгоҳ) ҷойгир шуда бошед, Шуморо бояд дар давоми шабонарӯзи якум барои мӯҳлати пуррае, ки Шумо нақша доред дар он ҷо истиқомат кунед, ба қайд гиранд. Барои ин ба Шумо танҳо ба корманди маъмурият муроҷиат кардан зарур аст.

МУҲИМ аст! Кормандони меҳмонхона, хостел, хобгоҳ ва ғ. дар баъзе ҳолатҳо хоҳиш мекунанд, ки "ҳамчун гарав" ё "барои барасмиятдарории бақайдгирӣ" шиносномаи худро диҳед. Онҳо ба ин кор ҳуқуқ надоранд. Шумо вазифадор ҳастед ба онҳо ҳуҷҷатҳои худро нишон диҳед ва онҳо бояд ба худ нусхаи онро гиранд. Агар онҳо ҳуҷҷатҳои Шуморо гиранд ва бо ягон баҳона баргардондан нахоҳанд, ба политсия ба рақами 112 занг занед.

2 **Агар Шумо дар хонаи шинос ё хешу табор зиндагӣ кардани бошед ё мехоҳед, ки ҳуҷра ё хона ба иҷора гиред**, он гоҳ соҳиби хона вазифадор аст, ки Шуморо дар давоми 7 рӯз аз рӯзи ба Россия дохил шуданатон ба қайд гузорад. Барои ин Шумо бояд якҷоя **ба Шӯъбаи СММ ВКД ё ба Маркази бисёрфунксионалии хизматрасониҳои давлатӣ (МБФ) дар ноҳияи худ**, **ё тавассути портали интернетии пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ба аҳолӣ (Хизматрасониҳои давлатӣ)** **ё ба почта**, ки дар он ҷо ба Шумо бланки "огоҳинома оид ба омадани шаҳрванди хориҷӣ ба ҷои

истиқомат” медиҳанд, муроҷиат кунед. Дар як саҳифаи огоҳинома бояд маълумот дар бораи соҳиби хона (“шахси қабулкунанда”), дар саҳифаи дигари он дар бораи худатон (“шахсе, ки бояд дар ҷои будубош ба қайд гирифта шавад”) нишон дода шавад. Ба бланк бояд нусхаи шиноснома (танҳо саҳифаи дорои маълумот оид ба соҳиби шиноснома), инчунин корти муҳоҷирати худро замима кунед.

**Дар СММ ВКД (ё дар МБФ)** барасмиятдарорӣ ройгон аст, аммо Шумо бояд бо худ нусхаи ҳуҷҷатҳо (шиноснома ва корти муҳоҷират)-ро дошта бошед – онҳоро пешакӣ тайёр карда бо худ гиред. Шумо метавонед ҳуҷҷати бақайдгириро дарҳол пас аз муроҷиат гиред.

МАСЛИҲАТ

**Бақайдгирӣ тавассути портали интернетии хизматрасониҳои давлатӣ: бояд ба портали gosuslugi.ru дароед, хизматрасонии «Бақайдгирии шахсони хориҷӣ дар ҷои будубош»-ро интихоб кунед,ва “Истифодаи хизматрасонӣ”-ро пахш кунед, сипас хонаҳои заруриро пур кунед ва нусхаи сканкардашудаи ҳуҷҷатҳои муҳоҷир ва шахси қабулкунандаро замима кунед ва варақаро фиристед.**

**Дар почта аз Шумо** барои равон кардани огоҳиномаи Шумо ба СММ ВКД ва барои нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки дар ҳамон ҷой мебардоранд, **маблағи хурде (танҳо 250-300 рубл) мегиранд**. Варақаи бақайдгирии дорои қайди шӯъбаи почтаро Шумо дар ҳамон ҷой дарҳол мегиред.

**Шумо метавонед барои се моҳ худро ба қайд гузоред**. Сипас агар кор ёбед ва шартнома ё патент дошта бошед, метавонед мӯҳлати қайди худро дароз кунед.

Агар кори расмӣ пайдо накунед – Шумо ӯҳдадор ҳастед, ки то ба охир расидани мӯҳлати бақайдгирии худ аз кишвар бароед.

3 Агар корфармо Шуморо бо ҷои истиқомат таъмин кунад, ӯ ҳам метавонад бақайдгирии Шуморо ба расмият дарорад.



МУҲИМ аст! Аз соли 2018 инҷониб шаҳрванди хориҷӣ дар Россия метавонад танҳо дар ҷои истиқомати воқеӣ дар қайди муҳоҷират бошад (худро ба қайд гирад).

МУҲИМ аст! Агар корфармо барои ба қайд гузоштани Шумо тайёр бошад, ӯ барои иҷрои ин кор ҳуқуқ надорад, ки шиносномаи Шуморо гирад.

МУҲИМ аст! Дар ҳудуди Россия бо қайди муваққатӣ метавонед на зиёда аз 90 рӯз дар давоми ним сол (180 рӯзи тақвимӣ) зиндагӣ кунед. Агар баъди ин мӯҳлат Шумо аз кишвар наравед ё тавассути пардохти патент ё пайдо намудани кори расмӣ имконияти дароз кардани мӯҳлати қайди худро пайдо накунед, дар ин ҳолат Шумо қонунро вайрон карда истодаед: Шуморо метавонанд ҷарима банданд ё аз кишвар хориҷ кунанд ва даромадани Шуморо ба кишвар ба мӯҳлати то 10 сол манъ кунанд.

МУҲИМ аст! Бисёр ширкатҳое вуҷуд дорад, ки хизматрасониҳои бақайдгирӣ ва додани дигар ҳуҷҷатҳоро ба ивази маблағ пешниҳод мекунад. Аксарияти чунин ширкатҳо ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда медиҳанд. Диққат диҳед, зеро “бо як дидан” фарқ кардани ҳуҷҷати сохтакоришуда амалан имконнопазир аст, аммо барои дар даст доштани ҳуҷҷати сохтакоришуда танҳо Шумо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавед! Дар ҳолате, ки Шумо чунин ҳуҷҷати сохтакоришудаи бақайдгириро ба корманди хадамоти муҳоҷират ё политсия пешниҳод мекунед, Шуморо ҷарима мебанданд ё метавонанд аз кишвар хориҷ карда даромадани Шуморо ба кишвар ба мӯҳлати то 10 сол манъ кунанд.



БА ҚАЙД ГИРИФТАН

# ҲАМИН ТАВР

» Пас аз ба Россия даромадан дар давоми 7 рӯзи корӣ тавассути меҳмонхона ё хобгоҳ, ё ба воситаи соҳиби хонае, ки дар он ҷо истиқомат мекунед, ва ё тавассути корфармо худро ба қайд гузоред.

» Ба ягон кас шиносномаи худро “барои барасмиятдарории бақайдгирӣ” ё ҳамчун “гарав” надиҳед!

» Ба ширкатҳое, ки бақайдгириро ба ивази маблағ пешниҳод мекунанд, бовар накунед:онҳо метавонанд ҳуҷҷати сохтакоришуда диҳанд.

» Дар хотир доред: дар ҳолати надоштани қайд ё пешниҳоди ҳуҷҷатҳои сохтакоришуда Шуморо метавонанд ҷарима банданд ё аз кишвар хориҷ кунанд! Таваккал накунед!

» Ҳуҷҷати бақайдгириро якҷоя бо шиноснома ё корти муҳоҷират то баромадан аз Россия нигоҳ доред.

# ДАР РОССИЯ КОР КАРДАН: ПАТЕНТ ВА ОНРО ЧИ ТАВР БОЯД ГИРИФТ

Барои дар Россия ба таври қонунӣ кор кардан ба Шумо доштани **патент** (ғайр аз шаҳрвандони Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон) зарур аст.

**Патентро** барои кор дар дасти шахси воқеӣ, дар ташкилот (ширкат) ва ё дар дасти соҳибкори инфиродӣ ба расмият даровардан мумкин аст.

МУҲИМ аст! Агар Шумо дар дасти шаҳрванди Россия кор карда, корҳои шахсии ӯро иҷро кунед (масалан, агар Шумо кӯдакони ӯро, шахси бемор ё пиронсолро нигоҳубин кунед, дар хонаи ӯ рӯбучин кунед ё хӯрок пазед, ба ягон нафар шахсан дар сохтмони хона ё таъмири квартира кӯмак кунед ва ғ.), он гоҳ Шумо бояд патент барои кор дар дасти шахси воқеӣгиред.Дар ҳолатҳои дигар патент барои кор дар дасти шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба расмият дароварда мешавад.

МУҲИМ аст! Диққат диҳед: агар Шумо нияти дар дасти шахси воқеӣ кор кардан дошта бошед, яқинан бо Шумо созишномаи граждании-ҳуқуқӣ (ё ки созишнома оид ба пешниҳоди хизматрасониҳо) ба имзо расонида мешавад.Дар бораи намудҳои гуногуни созишнома дар поён маълумот оварда шудааст.



## ЧИ ТАВР ПАТЕНТ ГИРИФТАН МУМКИН АСТ?

Ҳангоми гирифтани патент эътибор диҳед, ки барои кадом намуди фаъолият ва дар ҳудуди кадом субъекти Федератсияи Россия ба Шумо иҷозат дода шудааст. **Субъектҳои Федератсияи Россия** – шаҳрҳои **Москва ва Санкт-Петербург**, **инчунин вилоятҳо, кишварҳо (край) ё ҷумҳуриҳое**, ки баҳайъати Россия дохил мешавад. Шумо аз рӯи касби дигар ё дар дигар минтақаи Россия, ки дар патент нишон дода нашудааст, кор карда наметавонед!

Дар аввал патентро метавонед барои мӯҳлати аз як то **12 моҳ** ба расмият дароред.

Мӯҳлати умумии эътибори патент барои кор на зиёда аз 12 моҳро аз рӯзи додани он ташкил медиҳад. Сипас мӯҳлати худи ҳамин патентро метавонед дароз кунед, лекин ба мӯҳлати на зиёда аз 12 моҳ. Яъне, як патент **то 2 сол** эътибор дошта метавонад. Пас аз ин мӯҳлати патентро дигар дароз кардан имконнопазир аст ва Шумо ӯҳдадоред, ки аз ҳудуди Россия бароед.

Патентро шӯъбаҳои Сарраёсати масоили муҳоҷират (СММ ВКД) ё марказҳои бисерфунксионалии хизматрасониҳои давлатӣ (МБХ), лекин на ҳамаи онҳо медиҳанд. Дар як қатор минтақаҳо Марказҳои ягонаи муҳоҷират (МЯМ) фаъолият мекунад. Аз ҳама осон беҳтар мешавад агар аз он корманди СММ ВКД, ки Шуморо ба қайд мегирад, пурсед, ки дар куҷо патент гирифтан мумкин аст.Инчунин рӯзҳои қабули ҳуҷҷатҳо ва рӯзҳои додани патентҳои тайёрро пурсед: СММ ВКД ва МБХ баъзан графики кории бисёр мушкил доранд.

МАСЛИҲАТ

Бланки ариза барои додани патентро метавонед дар интернет, масалан дар ишораномаи ***https://migrantmedia.ru/wp-content/blanki-obrazcy/zayavlenie-na-patent-na-rabotu-na-2018-god.xlsx***,борфарорӣ карда гиред, инчунин метавонед онро мустақиман дар шӯъбаи СММ ВКД ё МБХ гиред. Онро метавонед ба таври дастӣ (беҳтараш бо ҳарфҳои чопӣ) ё дар компютер хонапурӣ кунед.

МУҲИМ аст! Баъзан кормандони СММ ВКД дар ҳусни хат айб мекобанд ва тавсия медиҳанд, ки ба ширкатҳои муайяне, ки ба ивази маблағ “ба Шумо барои пур кардани ҳуҷҷатҳо кӯмак мекунанд”, муроҷиат кунед. Шумо вазифадор нестед, ки ин корро кунед! Нисбати чунин амалҳои кормандони СММ ВКД метавонед ба Раёсати бехатарии дохилии ВКД ба рақами +7 (495) 667-07-30 занг зада шикоят кунед.



**ИМТИҲОНИ ЗАБОНИ РУСӢ, ТАЪРИХ ВА АСОСҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ РОССИЯ.**

Аз соли 2015 инҷониб ҳамаи кормандони хориҷӣ ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои патент ӯҳдадоранд дониши худро оид ба забони русӣ, таърих ва асосҳои қонунгузории Россия тасдиқ намоянд. Ин корро метавонед бо се роҳ иҷро кунед:

1) Супоридани имтиҳони расмӣ дар Россия ва гирифтани шаҳодатнома, ки он 5 сол амал мекунад

2) Пешниҳоди аттестати таҳсилоти миёнаи 8 ё 10-сола, агар Шумо мактабро дар давраи Иттиҳоди шӯравӣ то 1 сентябри соли 1991 хатм карда бошед.

3) Пешниҳоди диплом оид ба хатми муассисаи таълимӣ дар ҳудуди Россия, ки онро пас аз 1 сентябри соли 1991 гирифтаед.

Агар Шумо имтиҳон супоред, эътибор диҳед, ки он пулакӣ аст, онро метавонед дар шаҳрҳои калон ва танҳо дар марказҳои таълимии махсус супоред. Илова ба ин, барои супоридани имтиҳон шояд ҷойҳо барои якчанд рӯз ва то ҳатто ҳафтаҳои оянда пешакӣ банд карда шавад. Барои гирифтани шаҳодатномаи тайёр бошад боз то 10 рӯзи корӣ зарур мешавад.

## БАРОИ БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ПАТЕНТ ҒАЙР АЗ АРИЗА ИНЧУНИН ЯК БАСТАИ КАЛОНИ ҲУҶҶАТҲО ЗАРУР МЕШАВАД:

- **Шиносномаи** Шумо
- **Нусхаи паспорт**
- **Тарҷумаи шиноснома**, ки дар Россия дар идораи нотариалӣ тасдиқ карда шудааст
- **Корти муҳоҷират**, ки дар он мақсади омадани Шумо – КОР нишон дода шудааст
- Суғуртаи тиббӣ, ки дар ҳамон субъект (шаҳр, вилоят)-е, ки Шумо нияти кор кардан доред, дода шудааст
- Ариза дар бораи додани патент
- Ҳуҷҷати махсус оид ба надоштани бемориҳои хатарнок (ин ҳуҷҷатро пешакӣ тайёр кардан зарур аст)
- Шаҳодатномаи имтиҳон оид ба дониши забон, таърих ва асосҳои қонунгузории Россия
- **Бақайдгирӣ**
- Расид (квитансия)-и пардохти андоз. Маблағи мушаххаси пардохти ҳармоҳаро метавонед дар СММ ВКД дар минтақаи худ муайян кунед. Метавонед андозро пешакӣ, лекин барои на зиёда аз 3 моҳ супоред. Андозро Шумо метавонед дар шӯъбаи дилхоҳи Сбербонк пардохт кунед. Намунаро барои пур кардани квитансия (рақами суратҳисоб ва дигар маълумот) метавонед дар шӯъбаи СММ ВКД ёбед ё дар МБХ муайян кунед
- **2 расми** рангаи 3х4см (расм барои часпондан ба ариза зарур аст)

МУҲИМ аст! Дар аксарияти минтақаҳо МБХ якбора ба расмият даровардани бастаи пурраи ҳуҷҷатҳоро пешниҳод мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳангоми муроҷиат ба МБХ Шумо бояд суғуртаи тиббиро харед, имтиҳонҳоро супоред, аз муоинаи духтур гузаред, ҳуҷҷатҳои худро ба забони русӣ танҳо дар ҳамон ҷо тарҷума карда, дар идораи нотариалӣ тасдиқ кунед. Барои он, ки такроран барои худи ҳамон як ҳуҷҷат маблағ насупоред, дар бораи ҳамаи нозукиҳо пешакӣ маълумот гиред.

Арзиши тахминии барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо дар МЯМ аз 20 то 25 ҳазор рублро ташкил медиҳад. Барои маълумот метавонед ба сомонаи МЯМ дар ш. Москва ташриф оред **http://migrantcenter.ru/cont/oformlenie-patenta-opr-153.html**.

Илова ба ин Шумо бояд ҳар моҳ андоз супоред. Ҳаҷми он аз соли 2015 дар минтақаҳои гуногуни Россия метавонад якчанд маротиба фарқ кунад. Масалан, дар ш. Москва дар як моҳ 4000 рубл буда, дар дигар минтақаҳо меъёри он шояд аз 1500 то 8000 рублро дар як моҳ ташкил диҳад.

Дар хотир доред, ки барои супоридани имтиҳон ва аз муоинаи духтур дар муассисаҳои тиббӣ гузаштан ба Шумо вақти бисёр зарур мешавад, барои ҳамин ба имтиҳон ва ба қабули мутахассисон пешакӣ ба қайд гирифтан зарур аст, ҳамаи маълумотномаҳо мӯҳлати эътибор дорад, дар МБХ бошад дар бисёр ҳолатҳо мардум чанд рӯз дар навбат меистанд. Вақте ки ба Россия барои кор рафтанӣ мешавед, ҳамаи инро ба инобат гиред!

Фарқ надорад, новобаста аз он, ки чи қадар ҳаракат накунед, ақаллан як қисми ҳуҷҷатҳоро худатон ҷамъ кунед ҳам, ё ба Маркази ягонаи муҳоҷират (МЯМ) ё МБХ муроҷиат кунед ҳам, агар бо ягон сабаб дар давоми **30 рӯз** аз рӯзи воридшавӣ ба Россия ҳамаи ҳуҷҷатҳоро ҷамъ карда насупоред, он гоҳ бояд бо худ барои пардохти ҷарима ба маблағи 10-15 ҳазор рубл дошта бошед, дар акси ҳол ҳуҷҷатҳои Шуморо барои патент қабул намекунанд!

Ғайр аз ин, мақомоти давлатӣ дар вақти дилхоҳ метавонанд муваққатан додани патентро дар минтақаи худ манъ кунанд ва Шумо маҷбур мешавед барои гирифтани патент ба дигар минтақа равед ё Россияро тарк кунед, то қонунгузории кишварро оид ба муҳоҷират вайрон накунед.

Дар хотир доред, ки беҳтараш ҳамаи масъалаҳоро, аз ҷумла тавассути рақами телефонҳое, ки дар брошюраи мазкур нашр карда шудааст, пешакӣ пурсида муайян кунед.

**БАЪДИ ИН:**

**Дар СММ ВКД, МЯМ ё МБХ бояд аризаи Шуморо ба қайд гирифта, нусхаи онро бо штамп ва санаи қабул ба Шумо диҳанд.**

**На дертар аз 10 рӯзи корӣ пас аз қабули ариза ба Шумо патент барои кор дода мешавад. Агар Шумо ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод карда бошед, барои додани патент ба Шумо бояд дархости Шуморо рад накунанд.**

**Агар ҳуҷҷатҳои Шумо нодуруст бошад ё ягон ҳуҷҷат нарасад ва ба Шумо патент надиҳанд, он гоҳ вазифадоранд, ки ба Шумо радномаи хаттӣ бо фаҳмонидани сабабҳои рад пешниҳод кунанд. Дар чунин ҳолат Шумо метавонед хатогиҳоро ислоҳ карда ҳуҷҷатҳои худро аз нав пешниҳод кунед.**

**Патентро Шумо бояд шахсан гиред.**

Ҳангоми дароз намудани мӯҳлати патент аз рӯи қонун Шумо бояд барои моҳҳои оянда **на дертар аз 1 рӯз** то охири мӯҳлати эътибори патент андоз супоред. Дар амал бисёр ҳолатҳо мешавад, ки маблағ тавассути банк дар давоми 3 ё ҳатто 5 рӯзи корӣ мегузарад.Дар натиҷа дар махзани маълумоти СММ ВКД пардохти Шумо саривақт инъикос намеёбад ва метавонад ба мушкилот оварда расонад. Аз ин лиҳоз, барои боварӣ ҳосил намудан беҳтар мешавад агар андозро як ҳафта пеш аз охири мӯҳлати патент супоред. **Ҳамаи расид (квитансия) - ҳои пардохтро** ҳатман **нигоҳ доред** – бе онҳо патенти Шумо беэътибор хоҳад буд!

Пас аз қабули қонун  дар бораи патент дар аввал СММ ВКД дарозкунии мӯҳлати патентро ба дарозкунии автоматии мӯҳлати қайд баробар намуд: яъне, пардохти андоз барои моҳи оянда маънои онро дорад, ки Шумо метавонед ба идораи онҳо наравед, мӯҳлати қайди Шумо ба таври автоматӣ дароз карда мешавад. Аммо, дар вақтҳои охир қонун ба таври дигар шарҳ дода мешавад. Аз сабаби он, ки бисёр коргарон нովобаста аз он, ки патенти эътиборнок доштанд, бо сабаби надоштани қайд ҷарима баста шудаанд ва то ҳатто аз кишвар хориҷ карда шудаанд, мо тавсия медиҳем, ки ба ҳар ҳол мӯҳлати қайди худро ҳар се моҳ як маротиба дароз кунед.

Бо як патент Шумо метавонед расман барои якчанд корфармо кор кунед.

Бо патент танҳо дар он субъектҳои Федератсияи Россия, ки патентро гирифтаед, кор карда метавонед. Субъектҳои Федератсияи Россия – шаҳрҳои Москва ва Санкт-Петербург, инчунин вилоятҳо, кишварҳо (край) ё ҷумҳуриҳое, ки ба ҳайъати Россия дохил мешавад. **Ба ғайр аз ин, аз моҳи июли соли 2015 бо патент танҳо аз рӯи он касбе, ки дар патенти Шумо навишта шудааст, кор кардан мумкин аст.**



*ДАР РОССИЯ КОР КАРДАН: ПАТЕНТ ВА ОНРО ЧИ ТАВР БОЯД ГИРИФТ*

# ҲАМИН ТАВР

*» Агар Шумо дар Россия нияти кор кардан дошта бошед – хоҳ дар ширкат бошад, хоҳ худатон дар дасти ягон кас кор кардан бошед – Шумо ӯҳдадор ҳастед, ки патент гиред (ба ғайр аз шаҳрвандониҚазоқистон, Қирғизистон, Арманистонва Беларус).*

*» Ҳуҷҷатҳои худро барои патент метавонед ба СММ ВКД ё ташкилоти ваколатдор –МЯМ ё МБХ супоред. Патентро Шумо бояд шахсан гиред.*

*» Шуморо ҳеҷ кас ба додани маблағ ба ягон ширкат барои пур кардани ариза бо мақсади гирифтани патент маҷбур карда наметавонад. Аммо, беҳтар мешавад, ки онро дар компютер пур кунед, ё ки агар чунин имконият набошад, бо ҳарфҳои чопӣ бо ҳусни хати фаҳмо пур кунед.*

*» Барои гирифтан ё дароз кардани мӯҳлати патент Шумо бояд ҳар моҳ андоз супоред. Барои пардохти андоз то рӯзи охирон интизор шуда нашинед – пардохт метавонад тавассути банк ба СММ ВКД дар давоми якчанд рӯз гузарад.*

# ҲАМИН ТАВР

*ДАР РОССИЯ КОР КАРДАН: ПАТЕНТ ВА ОНРО ЧИ ТАВР БОЯД ГИРИФТ*

- *Патент танҳо ба аризадиҳанда шахсан пас аз 10 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ҳуҷҷатҳо дода мешавад.*

- *Агар Шумо ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод карда бошед, аризаи Шуморо барои додани патент рад набояд кунанд.*

- *Агар ҳуҷҷатҳои Шумо ягон камбудӣ дошта бошад, ба Шумо бояд ба таври хаттӣ бо фаҳмонидани сабабҳо ҷавоб диҳанд, ки барои чи додани патент рад карда шуд. Дар асоси он Шумо метавонед хатогиро ислоҳ кунед.Аммо ҳуҷҷатҳои худро барои патент метавонед аз сари нав танҳо баъди як сол пешниҳод кунед.*

- *Ҳатто агар Шумо патенти амалкунанда дошта бошед ҳам, худро ба қайд гирифтан зарур аст. Мӯҳлати қайди худро ҳар се моҳ як маротиба дароз кунед.*

- *Ҳеҷ гоҳ ба ягон кас шиносномаи худро надиҳед! Бе шиноснома Шумо метавонед қурбонии ҷинояткорон шуда, ба ғуломӣ фароед.*

- *Хароҷоти бақайдгирӣ маблағи бениҳоят хурдро талаб мекунад.Агар корфармо ба Шумо гӯяд, ки барои кӯмак дар масъалаи бақайдгирӣ маоши якмоҳа (думоҳа, семоҳа)-и Шуморо мегирад – ин фиреб ва ғоратгарӣ аст!*

# КОР КАРДАН ДАР РОССИЯ: ҚАРОРДОД БО КОРФАРМО

Инак, Шумо ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро барои дар Россия ба таври қонунӣ кору зиндагӣ кардан ба расмият даровардед – Шумо қайд ва патент доред.

Ана акнун лаҳзае, ки дер боз интизор будед, яъне ба кор қабул шудан, фаро расид. Мутаассифона дар байни корфармоён инчунин шахсоне ҳастанд, ки (чунин ҳолатҳо кам нест) фикр мекунандмуҳоҷирони коргарроаз надонистани ҳуқуқҳояшон сӯиистифода намуда фиреб кардан ва барои аз меъёр бисёр ва дар шароитҳои мудҳиш кор кардан маҷбур кардан, маоши кам додан, ё то ҳатто умуман музди кор надодан  мумкин аст...

**Роҳи беҳтарини ба чунин ҳолат наафтодан – доштани шартномаи дуруст таҳияшуда ва бо корфармо имзошуда мебошад.**

## ШАРТНОМА ЧИ ГУНА МЕШАВАД?

Шартнома бо корфармо метавонад ду намуд бошад: шартномаи **меҳнатӣ ё шартномаи пудратӣ** (худи ҳамин шартномаи пешниҳоди хизматрасониҳо мебошад). Барои муайян кардани намуди шартномаи худ танҳо ба хати якуми он эътибор диҳед – дар он ҷо “Шартномаи меҳнатӣ”, “Шартномаи пудратӣ” ва ғ. навишта шудааст;дар худи ҳамон ҷо бояд рақами шартнома ва санаи имзошавии он нишон дода шавад.

Фарқияти байни шартномаҳо дар он аст, ки агар Шумо ба ғайр аз шартномаи меҳнатӣ дигар намуди шартнома дошта бошед, ба рухсатии пардохтшаванда ва рухсатии беморӣ ҳуқуқ надоред.

## ДАР ШАРТНОМА БО КОРФАРМО ЧИ БОЯД НИШОН ДОДА ШАВАД?

1 **КОРФАРМОИ ШУМО КИСТ.** Бисёр муҳим аст, ки дар ҳама гуна шартнома бо корфармо дар ҳолати ширкат номи ҳуқуқии корфармо (ё дар ҳолати шахси воқеӣ ном, номи падар ва насаби шахс), суроғаи он (шаҳр, кӯча, хона, индекси почта), телефон, суратҳисоби бонкии он нишон дода шуда бошад.

**МУҲИМ аст!**

Корфармои худро бояд донед – ин на он бригадире, ки ба Шумо танҳо ному рақами телефони мобилиашро медиҳад, на ягон миёнарави дигари шубҳанок аст, балки ширкате мебошад, ки ба ҳамин бригадир маош медиҳад. Айнан аз ҳамин ширкат Шумо дар ҳолати рух додани ягон ҳодиса пардохти маоши пардохтнашуда ё ҷубронро талаб мекунед.



2 **ШУМО КИ ҲАСТЕД.** Дар худи ҳамон шартнома бояд насаб, ном ва номи падари Шумо, суроғаи Шумо дар кишвари худ ва суроғаи қайд дар Россия, инчунин маълумот дар бораи шиносномаи Шумо нишон дода шавад.

МУҲИМ аст!

Дар шартнома бояд маълумот дар бораи Шумо дақиқ нишон дода шавад –зеро айнан ҳамин маълумот тасдиқ мекунад, ки шахсан Шумо бояд маоши худро гиред.

3 **ШАРТНОМА БАРОИ КАДОМ МӮҲЛАТ БАСТА ШУДААСТ.** Шартномаи меҳнатиро умуман барои мӯҳлати дилхоҳ (масалан як моҳ) бастан мумкин аст, ё ин ки он метавонад бемӯҳлат бошад (яъне Шуморо ба кор бе нишон додани шумораи моҳҳо ё сол қабул мекунанд), аммо одатан корфармоёне, ки аз меҳнати коргарони хориҷӣ истифода мебаранд, дар асоси мӯҳлати эътибори патент шартнома имзо мекунанд.

МУҲИМ аст!

Дар қонунгузории Россия рӯйхати маҳдуди сабабҳое, ки дар асоси он кормандро пеш аз ба охир расидани мӯҳлати шартномаи меҳнатӣ аз кор озод кардан мумкин аст, пешбинӣ шудааст. Онҳо асосан вобаста ба пӯшидашавии корхона, ихтисоркунии кормандон ё вайронкунии ҷиддии интизоми меҳнат дар натиҷаи ба кор наомадан, майнӯшӣ кардан, дуздӣ кардан, фош намудани сирри давлатӣ ё тиҷоратӣ мебошанд. Бо сабабҳои шахсӣ, беморӣ ё ҳомиладорӣ ягон касро аз кор озод кардан мумкин нест. Дар бисёр ҳолатҳо ҳангоми аз кор озод кардан Шумо ба ҷубронпулӣ ҳуқуқ доред. Агар Шумо фикр кунед, ки Шуморо ноодилона аз кор озод карданд, ба рақамҳои телефони дар поёни буклет овардашуда занг зада муроҷиат кунед.

4 **МЕЪЁРИ ҲАҚҚИ МЕҲНАТ.** Дар аксар ҳолатҳо корфармоён нисбат ба маблағе, ки пардохти онро дар оянда ваъда медиҳанд, дар шартнома маблағи камтарро нишон медиҳанд. Барои чӣ? Бо мақсади "бо роҳи ғайриқонунӣ" харҷ кардани пул, яъне пардохт тавассути низоми ним расмиву ним ғайрирасмӣ бо мақсади аз пардохти андози зиёдатӣ дасткашӣ кардан. Оё корфармо ваъдаи худро иҷро мекунад? Агар иҷро накунад, ҳақ будани худро Шумо исбот карда наметавонед – имзои Шумо дар шартнома маънои онро дорад, ки Шумо барои кор кардан ба ивази маблағи дар шартнома нишондодашуда розӣ ҳастед. Бо чунин шартҳо розӣ гардида, Шумо ба корфармо хизмати хуб мекунед, аммо барои худ баръакс мекунед.

**МУҲИМ аст!** Аз маоши Шумо андоз аз даромад –13%ё 30% тарҳ карда мешавад. Агар Шумо дар Россия зиёда аз 183 рӯз дар як сол зиндагӣ кунед ва инро бо ҳуҷҷат (қайд, патент, шартномаи меҳнатӣ ба мӯҳлати на зиёда аз 183 рӯз ва ғ.) тасдиқ кунед, андози Шумо ба монанди андози шаҳрвандони Россия 13 фоизро ташкил медиҳад, дар акси ҳол бояд 30 фоиз андоз аз даромад супоред.

**МУҲИМ аст!** Дар ҳар ҳолат корфармо ҳуқуқ надорад, ки аз меъёри муқарраршудаи ҳадди ақали ҳаққи меҳнат барои кор дар басти пурра, яъне барои 40 соат дар як ҳафта камтар маблағ диҳад. Дар Россия соли 2020 маоши ҳадди ақал ба 12 130 рубл баробар буд. Дар минтақаҳои алоҳида шояд сатҳи маоши ҳадди ақал нисбатан баландтар бошад. Дар саҳифаи оянда рӯйхати чунин минтақаҳо ва маълумот оид ба маоши ҳадди ақал дар соли 2020 оварда шудааст.

5 **ВАҚТИ КОРӢ.** Дар шартномаи меҳнатӣ графики баст (ҷойивазкунии коргарон), соатҳои корӣ, вақти хӯроки нисфирӯзӣ ва ғ. бояд нишон дода шавад. Корфармо бо хоҳиши худ ин шартҳоро тағйир дода наметавонад, ӯ бояд Шуморо дар ин бора хабардор намуда, розигии Шуморо гирад. Дар корхонаҳои калон дар баъзе ҳолатҳо дар шартнома навишта мешавад, ки маълумоти мазкур дар қоидаҳои тартиби дохилӣ оварда шудааст; дар ин ҳолат пеш аз имзо кардани шартномаҳатман бо чунин қоидаҳои дохилӣ шинос шавед, он гоҳ медонед, ки бо кадом шартҳо Шумо розӣ шуда истодаед. Мутаассифона, корфармо метавонад Шуморо огоҳ накарда чунин қоидаҳоро тағйир диҳад, барои ҳамин беҳтар мешавад, ки дар шартномаи меҳнатӣ ҳарчи бисёртар маълумот навишта шавад.

6 **ӮҲДАДОРИҲОИ МЕҲНАТӢ.** Дар шартнома бояд ба таври мушаххас навишта шавад, ки Шумо айнан кадом намуди корро иҷро мекунед, ӯҳдадориҳои меҳнатии Шумо аз чи иборат аст. Масалан, агар Шумо челонгар бошед, Шуморо наметавонанд барои шустани идишҳои ношуста маҷбур кунанд ё ки барои борфарорӣ фиристанд.

7 **ДИГАР ШАРТҲОИ МУҲИМ.** Пеш аз ҳама ба ин меъёрҳои маҳсули кор дохил мешавад. Сипас шартҳои мукофотдиҳӣ ё мӯҳлати рухсатӣ аст. Корфармо метавонад масалан шартҳои нигоҳдории сирри тиҷоратӣ ва ғайраро ворид кунад.

**МУҲИМ аст!** Ҳар як шартнома бояд дар ду нусха тартиб дода шавад. Инчунин Шумо вазифадор нестед, ки шартномаро фавран имзо кунед:Шумо метавонед онро бо худ ба хона бурда бодиққат хонед ё дар бораи он (масалан тавассути занг задан ба рақамҳои телефони дар охири буклети мазкур нишондодашуда) маслиҳати ҳуқуқшиносро гиред. Шумо ва корфармоятон бояд ҳардуи нусхаро имзо кунед, корфармо бошад инчунин ҳатман мӯҳри он ташкилотеро, ки дар шартнома ҳамчун корфармо нишон дода шудааст, гузорад. Сипас як нусхаи шартномаро Шумо бо худ мемонед ва ин ҳуҷҷати Шумо мебошад.

Агар корфармо Шуморо барои имзои шартнома саросема кунад ё ба дасти Шумо нусхаи дуюми шартномаро надиҳад, эҳтимол аст, ки дар паси ин кор фиреб ҳаст ва дар матни шартнома ягон чизе ҳаст, ки он ба Шумо маъқул намешавад ёин амалҳои беинсофонаи корфарморо нишон медиҳад. Дар чунин ҳолатҳо худро эҳтиёт кунед!

Агар бо Шумо шартномаи меҳнатӣ банданд, дар давоми 5 рӯзи корӣ аз рӯзи ба кор баромаданатон корфармо ӯҳдадор аст, ки **дар дафтарчаи меҳнатии стандартии Россия қайд ворид кунад**. Эътибор диҳед, ки дар ҳудуди Россия танҳо дафтарчаҳои меҳнатии стандартии Россия ва дар давраи шӯравӣ соли 1974 чопшуда амал мекунад. Қайд дар дафтарчаи меҳнатии дар кишвари Шумо чопшуда дар Россия эътибори қонунӣ надорад.

**Санади қабули кор**

Агар бо **Шумо шартномаи пудратӣ ё шартнома дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳо** ба имзо карда бошанд, он гоҳ пас аз он, ки Шумо кори худро иҷро мекунед, Шумо ва корфармо бояд санади қабули корро дар ду нусхаи якхела имзо кунед. Дар санад бояд санаи қабули кор, мӯҳри ташкилоте, ки дар он кор мекунед, инчунин имзои роҳбар бошад. Агар Шумо дар дасти шахси воқеӣ кор кунед, мӯҳр намешавад.

Як нусхаи он бо имзо ва мӯҳри корфармо дар дасти Шумо мемонад: ин ҳуҷҷати тасдиққунандаест, ки Шумо корро иҷро кардед ва бояд барои он музди худро гиред.

МУҲИМ аст! Пас аз он, ки ба кор қабул шудед, ҳатман дар бораи номи пурраи ташкилот ё ширкате, ки дар он кор мекунед (ё номи корфармои худ дар ҳолати шахси воқеӣ), суроғаи дар шартнома навишташуда, рақами телефони корфармо, инчунин насаб, ном ва номи падари директор (одатан ин маълумот дар шартнома навишта мешавад) ба хешовандони худхабар диҳед. Агар Шумо нисбат ба суроғаи дар шартнома нишондодашуда дар ҷои дигар кор кунед, ба хешовандонатон дар бораи ҳамаи суроғаҳое, ки Шуморо дар он ҷо ёфтан мумкин аст, хабар диҳед.

# ҲАМИН ТАВР

КОР КАРДАН ДАР РОССИЯ:
ҚАРОРДОД БО КОРФАРМО

» Ҳатман бо корфармо шартнома –шартномаи меҳнатӣ ё пудратӣ (шартнома дар бораи пешниҳоди хизматрасониҳо) имзо кунед.

» Шартнома дар ду нусха имзо карда мешавад, корфармо бояд онро на танҳо бо имзо, балки инчунин бо мӯҳри худ тасдиқ намуда, нусхаи дуюми онро ба Шумо диҳад.

» Агар Шуморо саросема кунанд, барои хондани матни шартнома имкон надиҳанд, – ин бе ягон шубҳа аломати фиреб аст.

» Дар шартнома бояд нишон дода шавад, ки корфармои Шумо ки аст, шартнома барои кадом мӯҳлат, кадом намуди кор, бо чи гуна графики корӣ ба имзо расонида шудааст ва ба ивази кори худ чи қадар маош мегиред.

» Агар маоши дар шартнома нишондодашуда аз маоши ба Шумо ваъдакардашуда фарқ кунад, Шуморо метавонанд фиреб кунанд.

» Агар Шумо дар асоси шартномаи меҳнатӣ фаъолият кунед, корфармо ӯҳдадор аст, ки дар ин бора дар дафтарчаи меҳнатии стандарти Россия қайд кунад (дафтарчаҳои меҳнатии хориҷӣ дар Россия эътибори қонунӣ надорад).

» Агар Шумо дар асоси шартномаи пудратӣ ё шартномаи пешниҳоди хизматрасониҳо фаъолият кунед, он гоҳ пас аз иҷрои кор Шумо ва корфармо санади қабули корро (дар ду нусха, як нусха барои Шумо ва нусхаи дигар барои корфармо) имзо мекунед, ки дар асоси он Шумо музд мегиред.

» Ҳатман ба хешовандону наздикони худ дар Россия ва дар ватани худ дар бораи ҷои зист ва фаъолияти корӣ, тамоми суроғаҳо ва рақамҳои телефон, ки бо он Шуморо ёфтан мумкин аст, хабар диҳед.

# КОР КАРДАН ДАР РОССИЯ: ҲУҚУҚҲОИ ШУМО ДАР ҶОИ КОР

Донед, ки Шумо дар ҷои кор ҳуқуқҳои худро доред – онҳо дар умум аз ҳуқуқҳои коргарон аз ҳисоби шаҳрвандони Россия ягон фарқият надоранд. То ҳатто агар мӯҳлати қайди Шумо ё мӯҳлати эътибори ҳуҷҷатҳои дигар гузашта бошад ё сохтакории онҳо муайян шуда бошад ҳам, ягон кас наметавонад Шуморо аз ҳуқуқ ба меҳнат маҳрум кунад.

## ҲУҚУҚҲОИ ХУДРО ДОНЕД!

- Новобаста аз он, ки шаҳрванди кадом кишвар ҳастед, новобаста аз мавҷудияти қайд ва иҷозат барои кор **ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки Шуморо ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб кунад.**

- Новобаста аз он, ки шаҳрванди кадом кишвар ҳастед, новобаста аз мавҷудияти қайд ва иҷозат барои кор **маоши Шуморо бояд саривақт ва пурра пардохт намоянд.**

- Дар Россия ба корфармо **ҷарима бастани коргар манъ карда шудааст.**

## АСОСИАШ: МАОШ

**Маошатонро бояд танҳо бо рубли русӣ пардохт намоянд.** Дар баъзе ҳолатҳо қонун иҷозат медиҳад, ки на зиёда аз 20 фоизи маош на бо пул, балки масалан бо маҳсулоти озуқаворӣ ё маҳсулотҳои истеҳсоли корхонаи худатон пардохт карда шавад.Аммо ин корро танҳо дар он ҳолат кардан мумкин аст, ки агар дар шартномаи меҳнатии Шумо ҳамин тавр навишта шуда бошад ва танҳо агар Шумо аризаи хаттӣ имзо карда бошед, ки бо чунин шакли пардохт розӣ ҳастед.

Дар баъзе ҳолатҳо корфармоён кӯшиш мекунанд қисмати асосии маошро **ҳамчун мукофотпулӣ ё дигар намуди подош** пардохт намоянд. Эътибор диҳед, ки дар шартномаи меҳнатии Шумо то қадри имкон ба таври муфассал навишта шуда бошад, ки барои чи метавонанд мукофотпулӣ диҳанд, механизм, нишондиҳанда ва шартҳои пардохти мукофот чи гуна аст.

**МУҲИМ аст!** Аз рӯи қонун корфармо ҳуқуқ надорад, ки Шуморо ягон хел ҷарима бандад! Аз ин мебарояд, ки инчунин барои ба шартнома ворид кардани муқаррарот оид ба ҷарима ҳуқуқ надорад.

**МУҲИМ аст!** Агар Шумо дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор кунед, маоши Шуморо бояд дар як моҳ ду маротиба – яъне дар ду ҳафта як маротиба пардохт намоянд. Агар маоши Шуморо зиёда аз 15 рӯз надиҳанд, Шумо ҳуқуқ доред корфарморо ба таври хаттӣ огоҳ намуда, фаъолияти кориро қатъ кунед. Аммо қонун нозукиҳои бисёр дорад ва барои дар ҳолатҳои пардохт нашудани маош дуруст амал кардан ба рақамҳои телефони дар охири буклети мазкур нишондодашуда занг зада, оид ба роҳи беҳтарини риояи ҳуқуқҳоятон маслиҳат гиред.

## ФАЪОЛИЯТ ДАР МУҲИТИ БЕХАТАР

1 **КОРФАРМО ЧИ БОЯД КУНАД.** Дар куҷое кор накунед, – дар корхонаи калон ё ҳамчун корманддар хона – корфармои Шумо ӯҳдадор аст Кодекси меҳнат, аз ҷумла меъёрҳои санитариро риоя намуда, Шуморо бо **муҳити кории бехатар** таъмин намояд. Корфармо бояд ҳатман ба Шумо оид ба **техникаи бехатарӣ** дастур диҳад: дар бораи минтақаву иншоотҳои хатарнок дар корхона ва дар бораи истифодаи дурусти таҷҳизоти бехатарӣ ва ғ. гуфта диҳад.

Агар Шумо дар ҷои кори хатарнок кор кунед, он гоҳ корфармо вазифадор аст, ки **Шуморо бо воситаҳои бехатарӣ таъмин намояд**, ҳамзамон чунин воситаҳо, ма салан дастпӯшакҳо, воситаҳои муҳофизати чашм, нафаскашӣ, либоси махсус ва ғ. бояд ба таври ройгон дода шавад. Агар корфармо ин корҳоро иҷро накунад, Шумо ҳуқуқ доред аз иҷрои кор дар шароите, ки метавонад ба ҳаёт ва саломатии Шумо таҳдид кунад, даст кашед: ҳамзамон корфармо вазифадор аст барои вақти бекорӣ, яъне вақти корие, ки Шумо аз сабаби таъмин набудани шароити меҳнатии бехатар кор карда натавонистед, пардохт намояд.

2 **ШУМО БОЯД ЧИ КОР КУНЕД.** Шумо ҳамчун корманд инчунин ӯҳдадор ҳастед, ки **талаботи ҳифз ва бехатарии меҳнатро риоя кунед**: агар риоя накунед, он гоҳ дар ҳолати бо Шумо ягон кор рух додан корфармо ҷавобгар намешавад ва Шумо ягон ҷуброн намегиред. Масалан, дар вақти корӣ нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ, вайрон кардани техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо асбобҳои электрикӣ, таҷҳизоти саноатӣ ва ғ. манъ аст. Агар мувофиқи техникаи бехатарӣ ҳангоми иҷрои ягон намуди кор ба Шумо пӯшидани либоси махсус ва сарпӯш, истифодаи таҷҳизоти махсуси муҳофизатӣ зарур бошад, Шумо вазифадор ҳастед, ки ин талаботҳоро риоя кунед.

## ДАВОМНОКИИ РӮЗИ КОРӢ, ГРАФИКИ ҶОЙИВАЗКУНИИ КОРМАНДОН

Мутобиқи қонунҳои **Россия давомнокии маъмулии ҳафтаи корӣ на зиёда аз 40 соат**, дар шароитҳои зараровар ё хатарнок бошад 36 соатро ташкил медиҳад. **Рӯзи кории маъмулӣ 8 соат** (танаффус барои хӯроки нисфирӯзӣ дохил намешавад), панҷ рӯз дар як ҳафтаро ташкил медиҳад.

Аммо корфармо метавонад дигар графики ҷойивазкунии кормандонро дошта бошад, масалан графики тағйирёбандаи ивазшавии 12-соата ё шабонарӯзӣ. Ба ҳар ҳол давомнокии вақти кории на зиёда аз 40 соат дар як ҳафта бояд риоя карда шавад.

Дар қонунҳои махсуси мавҷуда муқаррар карда шудааст, ки шахс дар байни бастҳо бояд чи қадар истироҳат кунад: на камтар аз давомнокии дукаратаи басти пеш аз истироҳат. Дар ду баст пайдарҳам кор кардан манъ аст.

Графики ивазшавии кормандон бояд бо имзо як моҳ пеш аз саршавии он ба кормандон нишон дода шавад.

**МУҲИМ аст!** Корфармо наметавонад Шуморо барои аз меъёр бисёр кор кардан маҷбур кунад!

## КОРИ ЗИЁДА АЗ ВАҚТИ МУҚАРРАРӢ

Корфармо метавонад ба Шумо **кори зиёда аз вақти муқаррарӣ** (кор баъди ба охир расидани рӯзи корӣ) пешниҳод кунад, аммо ин корро метавонад танҳо бо розигии хаттии Шумо ва барои вақти қатъиян маҳдуд (4 соат дар давоми ду рӯз пайдарҳам ва 120 соат дар як сол) иҷро кунад ва бояд **барои он музди иловагӣ** пардохт намояд. Ду соати аввали кори зиёда аз вақти муқаррарӣ дар меъёри 1.5 баробар, соатҳои минбаъда дар меъёри ду баробар пардохт карда мешавад. Ё ки ба ҷои музд Шумо метавонед дархост кунед, ки ҳамон миқдори вақтро барои истироҳати иловагӣ истифода баред.

Агар корфармо аз Шумо **дар рӯзҳои истироҳат ё ид** кор карданро хоҳиш кунад, барои ин ҳам бояд розигии хаттии Шуморо гирад. Корфармо бояд барои ин кор ба Шумо **ду маротиба зиёд** музд диҳад ё барои ҳар як рӯзи истироҳат ё иде, ки кор мекунед, ба Шумо рӯзи истироҳати пардохтшаванда диҳад.

МУҲИМ аст! Шуморо метавонанд танҳо дар ҳолати бартарафсозии оқибатҳои офати табиӣ ё садама барои кори зиёда аз вақти муқаррарӣ бе розигии Шумо ҷалб намоянд.

Агар дар шартномаи Шумо навишта шуда бошад, ки Шумо **рӯзи кории бамеъёргирифтанашуда** доред, ин маънои онро надорад, ки Шумо бояд ҳар рӯз ҳамон қадаре, ки корфармо мегӯяд, кор кунед. Рӯзи кории бамеъёргирифтанашуда маънои онро дорад, ки корфармо метавонад **баъзан** Шуморо ба кори зиёда аз вақти муқаррарӣ ҷалб кунад.

МУҲИМ аст! Рӯз ё ҳафтаи кории занҳои ҳомиладор бояд ихтисор карда шавад. Илова ба ин, дар қонун ҷалби занони ҳомиладор ба кори шабона (аз соати 22 то 6) ва ба кори зиёда аз вақти муқаррарӣ манъ карда шудааст. Занҳои ҳомиладорро қонун аз озодкунӣ аз кор муҳофизат мекунад. Бо ҳуқуқшинос (тавассути рақамҳои телефони дар охири буклет овардашуда) оид ба роҳи хабардор намудани корфармо дар бораи ҳомиладории худ ва ҳифзи ҳуқуқҳои худ дар чунин давраи муҳим маслиҳат кунед.

## ИДҲОИ ДАВЛАТӢ ВА КОР

Рӯзҳои ид дар Россия:

**1, 2, 3, 4, 5, 6, 8 январ** – Таътили солинавӣ

**7 январ** – Рӯзи таваллуди Исо

**23 феврал** – Рӯзи муҳофизони ватан

**8 март** – Рӯзи байналмиллалии занон

**1 май** – Иди баҳор ва меҳнат

**9 май** – Рӯзи Ғалаба

**12 июн** – Рӯзи Россия

**4 ноябр** – Рӯзи ваҳдати миллӣ

Дар рӯзи пеш аз иди давлатӣ рӯзи кории Шумо ба як соат ихтисор карда мешавад.

Эътибор диҳед, ки агар Шумо дар асоси шартномаи меҳнатӣ аз рӯзи душанбе то ҷумъа кор кунед ва рӯзи ид ба шанбе ё якшанбе ростояд, он гоҳ рӯзи ид ба рӯзи кории баъди рӯзи истироҳат гузаронида мешавад: яъне Шумо рӯзи душанбе набояд ба кор бароед.

## РУХСАТӢ

Агар шумо **дар асоси шартномаи меҳнатӣ** кор кунед, гарчанд ним басти корӣ ё камтар аз он кор кунед ҳам, Шумо ба **рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда** ба мӯҳлати на камтар аз 28 рӯз дар як соли корӣ ҳуқуқ доред. Агар Шумо рухсатӣ нагирифта бошед (масалан аз кор озод шуда бошед ё ба кори дигар гузашта бошед ё ба ҷои дигар кӯчида бошед), корфармо вазифадор аст, ки ба Шумо ҷуброн диҳад.

## ВАРАҚАИ БЕМОРӢ

Агар Шумо худро ба қайд гирифта бошед ва суғуртаи тиббӣ дошта бошед (дар бораи суғуртаи тиббӣ дар қисми “Кӯмаки тиббӣ” маълумоти муфассал оварда шудааст), он гоҳ метавонед ба муассисаи тиббӣ муроҷиат карда рухсатии беморӣ гирифта, дар бораи корношоямии муваққатӣ маълумотнома гиред. Барои рухсатии беморӣ танҳо дар он вақт маблағ гирифта метавонед, ки агар то оғози беморӣ 6 моҳ дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор карда истода бошед, яъне агар корфармо ҳадди ақал ним сол ба Фонди суғуртаи иҷтимоӣ ҳақ супорида бошад. Ба шаҳрвандони Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон новобаста аз он, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ чанд вақт кор кардаанд, пардохтпулӣ дода мешавад. Бо вуҷуди ин, агар пеш аз ин Шумо дар Россия ягон маротиба дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор накарда бошед, пардохти рухсатии беморӣ маблағи ниҳоят камро ташкил хоҳад дод. Танҳо пас аз 2 соли фаъолияти расмӣ дар асоси шартномаи меҳнатӣ ва зимнан супоридани ҳамаи пардохтпулиҳо аз ҷониби корфармо Шумо метавонед пардохти рухсатии бемориро дар ҳаҷми тақрибан баробар ба маоши худ интизор шавед.

Аз соли 2015 инҷониб шаҳрвандони Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ кор мекунанд, метавонанд на танҳо пардохтпулӣ барои рухсатии беморӣ, балки инчунин ёрдампулӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, ёрдампулии яккарата ҳангоми таваллуди кӯдак, ёрдампулӣ барои нигоҳубини кӯдак ва дигар намудҳои ёрдампулӣ гиранд.

Агар Шумо дар асоси шартномаи граждаииву ҳуқуқӣ кор кунед, он гоҳ ягон пардохтпулӣ дода намешавад.

**МУҲИМ аст!** Дар баргузории чорабиниҳои оммавии варзишӣ, фарҳангӣ ва дигар намуди чорабиниҳо гурӯҳҳои ихтиёриён, яъне ёрдамчиёни ройгони ихтиёрӣ кӯмак мекунанд. Эҳтиёт бошед! Санҷида бинед, ки дар шартномаи Шумо навишта набошанд, ки Шумо ба кор ҳамчун ихтиёрӣ даромада истодаед, зеро ин маънои онро дорад, ки Шумо ба таври ихтиёрӣ барои бе музд (амалан ба ивази ҷои зист ва хӯрок) кор кардан розӣ шуда истодаед!

**Аз он шахсоне, ки метавонад аз қонун сӯиистифода кунанд, худро эҳтиёт кунед!**

# ҲАМИН ТАВР

» Шумо ба ҷои кор ҳуқуқ доред –бо кормандон аз ҳисоби шаҳрвандони Россия ҳуқуқҳои якхела доред.

» Ҳуқуқҳои Шумо ба меҳнат аз шаҳрвандӣ, мавҷудияти қайд, патент ва ҳуҷҷатҳои дигар вобастагӣ надорад. Бо вуҷуди ин, дар хотир доред, ки агар мӯҳлати патенти Шумо гузарад, ё суғуртаи тиббии Шумо ба охир расад, корфармо ҳуқуқ дорад Шуморо аз кор озод кунад.

» Ягон кас ҳуқуқ надорад Шуморо ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб кунад.

» Корфармо вазифадор аст маоши Шуморо саривақт (2 маротиба дар як моҳ, яъне дар ду ҳафта як маротиба) ва пурра пардохт намояд.

» Дар Россия ба корфармо ҷарима бастани корманд манъ аст.

# ҲАМИН ТАВР

» Корфармо бояд бехатарии Шуморо дар ҷои кор таъмин кунад, воситаҳои ҳифзи инфиродӣ диҳад, омӯзиш гузаронад ва дастур диҳад.

» Ягон кас ҳуқуқ надорад Шуморо барои кори зиёда аз вақти муқарраӣ ва ё кор дар рӯзҳои истироҳат маҷбур кунад.

» Агар Шумо барои чунин кор розӣ бошед, он гоҳ барои пардохти дукарата ё рӯзи истироҳати пардохтшаванда ба ивази чунин кор ҳуқуқ доред.

» Ба муносибати идҳои давлатӣ Шумо ба рӯзҳои истироҳати иловагӣ ва рӯзи кории ихтисоркардашуда дар арафаи чунин идҳо ҳуқуқ доред.

» Кормандони хориҷӣ метавонанд пас аз 6 моҳи фаъолияти корӣ дар асоси шартномаи меҳнатӣ (шаҳрвандони Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон ва Арманистон аз рӯзи якуми фаъолияти корӣ) барои рӯзҳои беморӣмаблағ гиранд.Аммо, барои исбот намудани он, ки Шумо дар ҳақиқат бемор будед, на ин ки бе ягон сабаб ба кор наомадед, маълумотнома оид ба беморӣ ба ҳар ҳол зарур аст.


1000
СПАСИ
ЗА ПОК

# ЧИ ТАВР МЕТАВОНЕД ҲУҚУҚҲОИ ХУДРО ДАР ҶОИ КОР МУҲОФИЗАТ КУНЕД

Ҳар як шахс хоҳ нохоҳ дар ҷои кор ба ягон проблема ё беадолатӣ дучор мешавад. Ин метавонад дар намуди маоши паст, шароити зараровари меҳнат, муносибати дағалона ё таҳқир аз ҷониби роҳбарон, пардохт накардани ёрдампуливу ҷубронпулиҳои гуногуни дар қонун пешбинишуда, маҷбурсозӣ ба кори зиёда аз вақти муқаррарӣ, графики ноқулай, ҷарима ва ё бисёр ҳолатҳои дигар содир гардад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки кормандони хориҷӣ дар аксари ҳолатҳо бо мушкилоти пардохт нашудани музди меҳнат рӯбарӯ меоянд. Ҳол он, ки маҳз барои музди меҳнат мардум аз диёри худ ба дигар кишварҳо мераванд, барои ба даст овардани ҳуҷҷат дар Россия кӯшиш мекунанд, дар кишвари бегона дур аз наздикони худ зиндагӣ мекунанд.

Чи кор бояд кард?

## ДАЛЕЛИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ

Барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ Шумо бояд **исбот кунед, ки айнан дар дасти ҳамин корфармо кор кардаед.**

## ЧИ ТАВР МЕТАВОНЕД ИСБОТ КУНЕД, КИ ДАР ҲАҚИҚАТ КОР КАРДАЕД?

**Шартнома бо корфармо** – ин роҳи асосии исбот намудани он аст, ки Шумо дар корхонаи мазкур кор мекунед ё кардаед, аммо воситаи ягона нест.

Илова ба шартнома ҳатман ҳуҷҷатҳои дигар, масалан рухсатномаҳои имзошуда ё дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба кор, варақа (ведомост) - ҳои пардохти маошро **бо худ нигоҳ доред**; агар дар корхона низоми гузарнома (пропуск) ба роҳ монда шуда бошад, гузарномаҳоро нигоҳ доред; ҷоеро, ки дар дасти ҳамин корфармо кор мекунед, **дар телефони худ расм ё бо видео ба навор гиред**. Агар бовар дошта бошед, ки корфармо ҳақ нест, Шумо метавонед сӯҳбатҳои худро бо ӯ дар **диктофон** сабт кунед. Бо вуҷуди ин, дар хотир доред, ки сабт ва расмҳо аз ҷониби суд дар ҳолатҳои кам ҳамчун далел қабул карда мешавад. Барои ҳамин беҳтараш дар дасти худ ҳуҷҷатҳои хаттии дуруст тартибдодашударо дошта бошед.

## ИТТИҲОДИЯИ КОРМАНДОН–РОҲИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ ХУД

Як чизро бояд фаҳмед: то он даме, ки мо хомӯш истода тоқат мекунем ва танҳо шикоятамонро ба худ мегӯем, ягон чиз дигаргун намешавад.

Кормандон манфиатҳои худро дар доираи муносибатҳои худ бо корфармометавонанд танҳо дастаҷамъона, яъне муттаҳид гардида ҳифз кунанд.

Манфиатҳои корфармоён ваа кормандони кироя ҳеҷ вақт пурра мувофиқат намекунад. Корфармо ҳамеша кӯшиш мекунад, ки аз ҳисоби музди меҳнати паст ё ихтисори шумораи кормандон сарфа карда, аз корманд то қадри имкон бештар фоида бардорад. Ҳамзамон **корфармо ҳамеша дар назди корманд бартарӣ дорад:** маблағ, қудрат дар корхона, имконияти муайян кардани тақдири шахсони зертобеъ.

Корманд аз корфармо вобаста аст. Бо ин баҳс кардан маъно надорад.

Аммо **корфармо аз корманд боз вобастагии бештар дорад**. Ширкатҳо ба гирифтани фоида манфиатдор ҳастанд, аммо бе меҳнат, яъне агар ягон кас дар истеҳсолот, сохтмон, касса, қаҳвахона ё идораи манзил кор накунад, фоида овардан имконнопазир аст. Агар корфармои Шумо шахси воқеӣ бошад, он гоҳ бе ягон шубҳа ӯ ба Шумо чизу чора ва шахсони аз ҳама арзишманди худ: хона, фарзандон, хешовандони худро, ки Шумо онҳоро нигоҳубин мекунед, бовар мекунад.

Маҳз бо ҳамин сабаб **кормандон ҳуқуқ доранд, ки нисбати худ муносибати эҳтиромона**, риояи ҳуқуқҳои худ, музди арзанда, одилона ва саривақтии меҳнати худро **талаб кунанд**.

Барои ин бо ҳамкорон оид ба проблемаҳои худ сӯҳбат кардан, дастаҷамъона амал кардан ва таслим нашудан зарур аст. **Дар Россия ҳар як корманд новобаста аз шаҳрванди кадом кишвар буданаш ба иттиҳодия ҳуқуқ дорад.** Ҳуқуқи мазкур дар Конститутсия, Кодекси меҳнат ва Қонуни ФР “Дар бораи иттифоқҳои касаба” кафолат дода мешавад. Инчунинҳамаи кормандон дар Россия ба гуфтушунидҳои дастаҷамъона бо корфармо, яъне на дар шакли “як ба як”, балки ҳама якҷоя тавассути намояндаи худҳуқуқ доранд. Кормандон ҳуқуқ доранд худашон шакли муттаҳидшавиро интихоб кунанд. Шакли аз ҳама маъмули иттиҳодияи кормандон иттифоқи касаба мебошад.

Албатта кӯмак зарур мешавад. Дар Россия ташкилотҳо оид ба **ҳифзи ҳуқуқи кормандони хориҷӣ** фаъолият мекунанд.

Ин метавонад дар намуди машварати ҳуқуқӣ, кӯмак барои тартиб додани шартнома ё гуфтушунид бо корфармо пешниҳод карда шавад: ҳамеша, вақте ки ягон нафар метавонад аз номи Шумо баромад кунад, **вақте ки Шуморо танҳо намемонанд**, хуб аст.

Илова ба ин, иттифоқҳои касаба **механизмҳои баргардондани музди меҳнати пардохтнашударо** дар ширкатҳо таҳия кардаанд – аммо барои ин зарур аст, ки кормандони ҷабрдида якҷоя амал кунанд. Масалан, танҳо дар соли 2013 дар соҳаи хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Санкт-Петербург ба Иттифоқи касабаи "Новопроф" рӯёнидани қарзҳои маоши фаррошон ва дигар кормандони ширкатҳои идоракунанда ба маблағи зиёда аз 3 миллион рубл муяссар гардид. Соли 2017 дар шаҳри Москва кормандони шабакаи тарабхонаҳои "Сбарро" дар Иттифоқи касабаи "Новопроф" муттаҳид гардида тавонистанд, ки қарзи якчандмоҳаи вобаста ба маошро рӯёнанд – лекин танҳо маоши он шахсоне, ки аъзои иттифоқи касаба буданд, баргардонида шуд!

**Иттифоқи касабаи ҳақиқӣ – ин дар мадди аввал аъзои он мебошад.** Агар иттифоқи касаба аъзои бисёр дошта бошад, агар аъзои он муттаҳид бошанд, якдигарро дастгирӣ кунанд, амалҳои якҷояро ба нақша гирифта тавонанд ва бо роҳбарият гуфтушунид бурда тавонанд, он гоҳ ҳалли масъалаҳои гуногунро ба даст овардан мумкин аст. Иттифоқҳои касабаи Россия барои қабул намудани кормандони хориҷӣ ҳамчун узви ташкилот омода ҳастанд.

Агар дар ширкат ё дар минтақае, ки Шумо кор мекунед, иттифоқи касаба амал кунад, Шумо метавонед узви он гардед. Барои ин Шумо бояд **ариза нависед** ва мунтазам **ҳаққи узвияти иттифоқи касабаро** (одатан 1 фоизи маош) супоред. Дар иттифоқи касаба кормандони тахассуснок ҳастанд, ки ба Шумо оид ба ҳамаи масъалаҳои вобаста ба кор ва ҳуқуқҳоятон маслиҳат медиҳанд. Агар дар корхонаи Шумо иттифоқи касаба набошад, Шумо метавонед онро ташкил кунед.

**Барои маълумоти муфассал ба Иттифоқи касабаи "Новопроф"** тавассути телефон ё почтаи электронӣ, ки дар охири буклети мазкур навишта шудааст, **муроҷиат кунед**.

## ДАР ҲОЛАТИ ПОЙМОЛ ШУДАНИ ҲУҚУҚҲОЯТОН БОЗ БА КУҶО МУРОҶИАТ КАРДАН МУМКИН АСТ?

Маслиҳат!

Дар Россия сохторҳои давлатии махсус оид ба ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон ба монанди Нозироти меҳнат ("Роструд") ва прокуратура амал мекунад.

МАСЛИҲАТ

Дар ҳолати поймолшавии ҳуқуқҳоятон дар ҷои кор метавонед ба "Роструд" тавассути рақами боварии 8 (495) 343 96 61 ё 8 (800) 707 88 41, тавассути сомонаи интернетӣ: **http://онлайнинспекция.рф** ёба идораҳои минтақавии "Роструд" – рӯйхати онҳоро метавонед дар сомонаи **http://www.rostrud.ru**, ки аз тарафи рост дар қисми поёни он харитаи интерактивӣ ва хати ҷустуҷӯ ҷойгир карда шудааст, муроҷиат кунед.

Дар ҳолати поймолшавии ягоне аз ҳуқуқҳоятон ба прокуратура муроҷиат кунед; суроғаи прокуратураро дар минтақаи худметавонед дар сомонаи: http://www.genproc.gov.ru/ дар қисмати «маълумот барои тамос»пайдо намоед.



*ЧИ ТАВР МЕТАВОНЕД ҲУҚУҚҲОИ ХУДРО ДАР ҶОИ КОР МУҲОФИЗАТ КУНЕД*

# ҲАМИН ТАВР

*» Барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ, масалан, дар ҳолати пардохт накардани музди меҳнат, Шумо бояд исбот кунед, ки кор кардаед. Инро метавонед бо ёрии шартномаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда исбот кунед.Ин ҳуҷҷатҳоро пешакӣ ҷамъ кунед ва омода бошед.*

*» Роҳи беҳтарини ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат – узви иттифоқи касаба шудан. Дар он ҷо маслиҳати зарурӣ медиҳанд, дастгирӣ мекунанд ва метавонанд ба корфармо фишор оранд, гуфтушунидҳо гузаронанд ва маблағҳои ба Шумо пардохткарданашударо рӯёнанд ё ҳуқуқҳои дигари Шуморо барқарор намоянд.*

*» Барои ҳифзи ҳуқуқҳои худ инчунин метавонед ба шахсони муҳофизаткунандаи ҳуқуқ муроҷиат кунед.Онҳо барои навиштани шикоят, тартиб додани ҳуҷҷатҳо, ариза додан ба суд кӯмак мекунанд, манфиатҳои Шуморо муаррифӣ мекунанд ва метавонанд кӯмаки башардӯстона ҷудо намоянд.*

*» Рақамҳои телефони шахсони муҳофизаткунандаи ҳуқуқ ва иттифоқҳои касабаро метавонед дар охири буклети мазкур пайдо намоед.*

*» Дар Россия сохторҳои махсуси давлатӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ба монанди Нозироти меҳнат ва прокуратура фаъолият мекунанд.*

# ЁРИИ ТИББӢ

Дар Россия дар куҷое набошед, **Шумо ба ёрии таъҷилии тиббии ройгон (бепул) ҳуқуқ доред**. Ин маънои онро дорад, ки агар ба ҳаёти Шумо хатаре таҳдид кунад, ё Шумо дарди вазнин ҳис карда истода бошед, он гоҳ **табибони ёрии таъҷилӣ вазифадор ҳастанд ба назди Шумо омада** ёрии зарурии ҳадди ақал расонанд, дарди вазнини Шуморо аз байн баранд ва бо мақсади наҷот додан Шуморо ба беморхона баранд.

МУҲИМ аст! Рақами телефон барои даъват кардани ёрии тиббии таъҷилӣ аз ҳама намуди телефонҳо, аз ҷумла телефонҳои мобилӣ 103 мебошад. Шумо инчунин метавонед аз рақами хадамоти фаврӣ 112 истифода баред.

МАСЛИҲАТ **МАСЛИҲАТ! БАРОИ ДАЪВАТ КАРДАНИ "ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ" ОМОДА БОШЕД, КИ БА ОПЕРАТОР МАЪЛУМОТИ ЗЕРИНРО ДОДА ТАВОНЕД:**

- **ҷинс,**
- **синну соли тахминии шахси ҷабрдида (одаме, ки худро но роҳат ҳис мекунад),**
- **оё шахси бемор нафас мекашадва ҳушёр аст, сабаби даъват,**
- **суроғаи дақиқ,**
- **номатон,**
- **рақами телефон.**

**Маслиҳат!** Барои муайян кардани суроғаи дақиқе, ки ба он ҷо "ёрии таъҷилӣ"-ро даъват мекунед, метавонед аз нармафзор (приложение)-и "навигатор" ё "харитаҳо" дар телефони мобилии худ истифода баред.

Бо вуҷуди ин, дар хотир доред, ки ба ғайр аз ёрии таъҷилӣ боқимондаи ёрии тиббиро бояд худатон пардохт намоед ва он арзон нест. Танҳо шаҳрвандони Беларус ба ҳаҷми бештари ёрии тиббии ройгон ҳуқуқ доранд.



## СУҒУРТАИ ТИББӢ

Барои ҳамин доштани суғуртаи тиббии ихтиёрӣ (“полис МДС”) бисёр муҳим аст. Онро метавонед дар Россия харед, ки бисёр ширкатҳои суғуртавӣ намудҳои гуногуни суғуртаро пешниҳод мекунанд. Барои ба расмият даровардани суғурта ба Шумо шиносномa зарур аст.

Пеш аз харидани суғурта ҳатман шартномаи онро бодиққат хонед! Дар он бояд намудҳои ёрии тиббие, ки ба Шумо айнан дар асоси ҳамин шартномаи суғурта пешниҳод мекунанд, навишта шуда бошад. Арзиши суғурта аз он, ки кадом намудҳои ёрии тиббӣ дар шартнома нишон дода шудааст, вобаста аст: одатан чи қадар арзиш баланд бошад, ҳамон қадар намуди хизматрасониҳое, ки Шумо метавонед истифода баред, зиёд мешавад.

Ҳатман суроғаи марказҳои тиббӣ ва дармонгоҳҳоеро, ки метавонед ба онҳо муроҷиат кунед, рақами телефон ва соати кории онҳоро муайян кунед ва дақиқ кунед, ки оё онҳо шаҳрвандони хориҷиро қабул мекунанд ё не.

МУҲИМ аст! Агар ба Шумо суғуртаеро пешниҳод кунанд, ки арзиши он камтар аз 10-15 ҳазор рубл дар як сол аст, бо эҳтимоли зиёд он бастаи камтарини хизматрасониҳо, аз ҷумла ёрии таъҷилиро, ки онро ба Шумо бе ин ҳам бояд ба таври ройгон пешниҳод кунанд, дар бар мегирад.

МУҲИМ аст! Ҳангоми харидани суғурта дар хотир доред, ки он танҳо барои Шумо амал мекунад ва ба аъзои оилаи Шумо (фарзандон, ҳамсар, падару модар) дахл надорад.

МАСЛИҲАТ Баъзан корфармоён худашон барои кормандонашон суғуртаҳои ДМС-ро ташкил мекунанд. Ҳангоми қабул ба кор аз корфармо дар ин бора пурсед. Агар корфармо ДМС ташкил кунад, дақиқ кунед, ки аз кадом намуди ёрии тиббӣ ва дар кадом муассисаҳо Шумо метавонед истифода баред, зеро на ҳамаи дармонгоҳҳо, то ҳатто агар онҳо бо ташкилоти Шумо шартнома оид ба табобати кормандон дошта бошанд ҳам, ба шаҳрвандони хориҷӣ хизмат мерасонанд.

## ХИЗМАТРАСОНИИ ТИББИИ ПУЛАКӢ

Маслиҳат!Агар Шумо суғуртае харида бошед, ки дар доираи он бастаи камтарини хизматрасониҳо пешниҳод карда мешавад, пешакӣ дармонгоҳ ё маркази тиббиеро, ки дар наздикии ҷои кор ё истиқомати Шумо ҷойгир шудааст, ёбед ва дақиқ кунед, ки онҳо ба шаҳрвандони хориҷӣ кадом намуди хизматрасониҳои тиббии пулакиро бо кадом нархҳо пешниҳод мекунанд. Агар ба Шумо маслиҳати табиб фавран зарур шавад, аммо суғуртаи Шумо пардохти чунин хизматрасониро дар бар нагирад, он гоҳ Шумо метавонед маблағи маслиҳат, таҳлилҳо ва табобатро худатон пардохт кунед.



# ҲАМИН ТАВР

ЁРИИ ТИББӢ

» Шумо ба ёрии тиббии таъҷилии бепул ҳуқуқ доред.

» Маблағи дигар хизматрасониҳои тиббиро худатон бояд мустақилона пардохт намоед ва онҳо арзон нестанд.

» Шумо метавонед суғуртаи тиббии ихтиёрӣ харед, он гоҳ хароҷоти Шумо барои табобат аз ҷониби ширкати суғуртавӣ пардохт карда мешавад.

» Ҳатман барои кӯдаконатон суғуртаи тиббӣ харед.

» Ҳангоми харидани суғурта шартномаро бодиққат хонед, то фаҳмед, ки кадом намуди табобат аз рӯи ин суғурта пардохт карда мешавад. Харидани суғуртае, ки танҳо ёрии тиббии таъҷилиро пардохт мекунад, маъно надорад: ёрии тиббии таъҷилиро ба Шумо бе ин ҳам бояд бепул пешниҳод кунанд.

» Муайян кунед, ки корфармои Шумо барои кормандони худ суғуртаи тиббӣ ташкил мекунад ё не.

# АГАР ШУМО БЕ КОР МОНЕД

**Агар дар давоми 90 рӯз аз санаи даромад ба ҳудуди Россия кор пайдо карда натавонед**, Шумо бояд аз ҳудуди кишвар бароед.

Инчунин, ба монанди шаҳрвандони Россия Шумо барои муроҷиат ба Марказҳои давлатии шуғли аҳолӣ ҳуқуқ доред. Марказҳои шуғли шаҳрӣ, инчунин минтақавӣ ва ноҳиявӣ (дар шаҳрҳои калон) мешавад. Онҳо Шуморо ҳамчун шахси бекор эътироф карда ёрдампулӣ пардохт карда наметавонанд, **аммо вазифадоранд ба Шумо дар бораи ҷойҳои кории холӣ иттилооти бепул диҳанд.**

**Эҳтиёт кунед!**

Агар тахассуси баланд надошта бошед, таҷрибаи кории кам дошта бошед, дар Россия якум маротиба бошед ва ба Шумо кореро бо маоши баланд, таъмини хӯрок, хобгоҳ пешниҳод кунанд ва ҳамзамон шартнома имзо кардан нахоҳанд, ба саволҳои Шумо оид ба номи ташкилот ё номи директори он ҷавоб надиҳанд, **хавфи калоне вуҷуд дорад, ки Шумо бо шахсоне рӯбарӯ омадед, ки бо савдои одамон машғуланд! Шумо метавонед ба ғуломӣ фароед!** **Эҳтиёт кунед!**



# ҲАМИН ТАВР

*АГАР ШУМО БЕ КОР МОНЕД*

*» Агар дар давоми зиёда аз 90 рӯз бекор гашта бошед, Шумо бояд аз ҳудуди Россия бароед. Танҳо баъд аз 90 рӯз метавонед баргашта дароед.*

*» Шумо метавонед ба марказҳои давлатии шуғли аҳолӣ барои маълумот оид ба ҷойҳои кории холӣ муроҷиат намоед.*

*» Эҳтиёт кунед!Агар ба Шумо кореро бо шароити ниҳоят хуб пешниҳод кунанд, шояд ин тӯъмаи шахсони бо савдои одам машғулбуда мебошад ва Шуморо мехоҳанд ба доми худ кашанд!*

# АГАР БА РОССИЯ ҲАМРОҲИ ШУМО КӮДАКОН САФАР КУНАНД

Агар Шумо ба Россия барои ҷустуҷӯи кор якҷоя бо фарзандони худ рафта истода бошед, эътибор диҳед, ки аз моҳи июли соли 2013 инҷониб **ба кӯдакони то 18 сола патент дода намешавад**, яъне амалан то синни 18-солагӣ расман ба кор қабул кунонидани онҳо манъ аст.

**Дар Россия меҳнати кӯдак манъ аст!**

Агар фарзандони Шумо дар ватани худ мактабро хатм накарда бошанд, Шумо **ҳатман бояд онҳоро** дар Россия **ба мактаб супоред. Таҳсил дар мактаб ройгон аст.**

Инчунин эътибор диҳед, ки дар бисёр субъектҳо қабул ба мактаб ба таври электронӣ ба роҳ монда шудааст ва одатан пешакӣ ба қайд гирифта мешавад. Шумо инчунин метавонед барои маълумот ба МБХ – марказҳои бисёрфунксионалии хизматрасониҳои давлатӣ (ин худи ҳамон марказҳоест, ки Шумо худро дар қайд гузоштед) муроҷиат кунед.Новобаста аз он, ки мутобиқи қонун ҳангоми қабули кӯдак ба мактаб ҳуқуқ надоранд, ки ба ғайр аз шиносномаҳо аз Шумо ягон ҳуҷҷати иловагӣ талаб кунанд, бисёртардар мактабҳо нишон додани ҳуҷҷати бақайдгирӣ (аз они Шумо ва кӯдак) ва маълумотномаи тиббиро оид ба вазъи саломатии кӯдак дархост мекунанд. Инчунин шояд ҳуҷҷатҳои дигар ва тарҷумаи онҳо ба забони русӣ лозим шавад.






Маслиҳат!

МАСЛИҲАТ

Агар Шумо пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои мазкурро нахоҳед ё натавонед, он гоҳ ба **мактуби Вазорати маориф ва илми ФР аз 28.06.2012 №ИР-535/03 "Дар бораи қоидаҳои қабул ба муассисаҳои таълимӣ"** ишора кунед, ки дар ҳуҷҷати мазкур ҳуқуқи фарзандони Шумо ба таҳсилот зикр гардидааст. Матни мактуби мазкурро метавонед дар интернет ёбед.

Барои гирифтани маълумотномаи тиббӣ барои мактаб Шумо бояд ё чунин маълумотномаи тиббиро барои кӯдак харед ё ба дармонгоҳе, ки ба шаҳрвандони хориҷӣ хизмати пулакӣ мерасонад, муроҷиат кунед.Намудҳои суғурта хело бисёр аст, барои муайян кардани он, ки кадом намуди он ба Шумо мувофиқ аст, мустақиман ба ширкати суғуртавӣ муроҷиат кунед ё аз ягон маркази тиббӣ пурсед.

МУҲИМ аст!

Шумо метавонед солим бошед ё ба бемориҳои худ эътибор надиҳед. Шумо шахси калонсол ҳастед. Аммо барои кӯдакон маълумотномаи тиббӣ ҳатман зарур аст! Муайян кунед, ки ширкати суғуртавӣ барои кӯдакон суғурта пешниҳод мекунад ё не ва бо кадом шарту шароит!

# ҲАМИН ТАВР

АГАР БА РОССИЯ ҲАМРОҲИ ШУМО КӮДАКОН САФАР КУНАНД

*» Дар хотир доред, ки дар Россия меҳнати кӯдак манъ аст. Фарзанди Шумо то синни 18-солагӣ патент гирифта наметавонад.*

*» Ҳар як кӯдак новобаста аз он, ки шаҳрванди кадом кишвар аст, ба қайд гирифта шудааст ё не ва новобаста аз мавҷудияти ҳуҷҷат ҳуқуқ ба таҳсил дар мактабро дорад.*

*» Таҳсил дар мактаб бепул аст.*

*» Фарзандони худро аз оянда маҳрум накунед, онҳоро барои ғайриқонунӣ кор кардан маҷбур накунед, ҳатман барои таҳсил ба мактаб фиристед!*



# РӮБАРӮ ГАРДИДАН БО КОРМАНДОНИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

Яке аз лаҳзаҳои нохуши зиндагӣ ва фаъолият дар Россия метавонад рӯбарӯ гардидан бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бошад.

## ҲУҚУҚҲОИ ХУДРО ДОНЕД!

**Агар Шуморо корманди политсия ё СММ ВКД нигоҳ дошта** нишон додани ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсиятатонро талаб кунад, дар хотир доред:барои ин корманд бояд либоси низомӣ дошта бошад; ӯ вазифадор аст, ки ба Шумо ҳуҷҷатҳои худро (гувоҳномаи дорои расм, ки дар он насаб ва вазифаи ӯ нишон дода шудааст) нишон дода, инчунин сабаби санҷиши ҳуҷҷатҳоро фаҳмонад. Агар ӯ нишон додани гувоҳномаи худро рад кунад, Шумо ӯҳдадор нестед, ки ба ӯ ягон чиз нишон диҳед ва метавонед дарҳол ба политсия ба рақами 102 занг занед. Дар ҳолати мазкур вайронкунандаи қонун ӯ мебошад, на Шумо!

Агар Шумо бо худ шиноснома надошта бошед, метавонед ҳама гуна ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи шахсият, ки дар он ному расми Шумо вуҷуд дорад, масалан гузарнома, ҳуҷҷати ронандагӣ, нусхаи ба таври нотариалӣ тасдиқкардашудаи шиноснома бо тарҷумаи онро нишон диҳед.

**Агар Шумо бо худ ягон ҳуҷҷат надошта бошед** ва Шуморо боздоранд, он гоҳ метавонед ба ягон нафар шиноси худ занг занед, то шиносномаи Шуморо биёранд.

**Агар ҳуҷҷатҳои Шумо бо пул якҷоя бошад**, ҳангоми ҳуҷҷатро нишон додан пулро бояд аз он ҷудо карда монд: корманди политсия ё СММ КВД онро метавонад ҳамчун пора баҳо диҳад. Албатта ҷавобгарӣ барои додани пора ба дӯши Шумо хоҳад фаромад.

МУҲИМ аст! Корманди политсия бояд бо Шумо хушмуомила бошад, лекин Шумо ҳам инчунин бояд дуруст ва боадабона аз ӯ тамоми маълумоти барои худ заруриро пурсед.

Танҳо корманди СММ ВКД ҳуқуқ дорад, ки аз Шумо ҳуҷҷати бақайдгирӣ талаб кунад. Бо вуҷуди ин, дар бисёр ҳолатҳо кормандони политсия нишон додани чунин ҳуҷҷатро талаб мекунанд. Агар Шумо ҳоло худро ба қайд нагузошта бошед, метавонед корти муҳоҷират, ки дар он санаи воридшавии Шумо ба Россия нишон дода шудааст, ё билетеро, ки дар асоси он ба кишвар ворид шудед, нишон диҳед.

**Эҳтиёт кунед!**

Ин даҳшатовар аст, аммо Шумо метавонед бо ҳолати вайронкунии қонун аз ҷониби кормандони политсия рӯбарӯ шавед! Барои чунин ва дигар ҳолатҳо бо худ (дар телефони мобилӣ ё дар ягон порчаи алоҳидаи қоғаз) **рақамҳои телефони ёрии таъҷилиро** нигоҳ доред.

## РАҚАМҲОИ ТЕЛЕФОН БАРОИ ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ БА ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ

112 – даъвати хадамоти ёрии таъҷилӣ– шабонарӯз

101 – даъвати хадамоти сӯхторхомӯшкунӣ – шабонарӯз

102 – даъвати политсия(инчунин барои шикоят оид ба амалҳои ғайриқонунии кормандони политсия) – шабонарӯз

103 – даъвати ёрии тиббии таъҷилӣ – шабонарӯз

104 -садамаҳои газӣ



МУҲИМ аст! Лутфан дар хотир доред, ки тақрибан барои ҳама гуна вайронкунии қонун шаҳрвандони хориҷиро метавонанд на танҳо ҷарима банданд, балки инчунин аз кишвар хориҷ карда, аз ҳуқуқи даромадан ба кишвар ба мӯҳлати то 10 сол маҳрум кунанд. Эҳтиёт кунед! Дар ҳолатҳои фавқулодда ба рақамҳои телефони дар боло ва дар охири буклети мазкур нишондодашуда занг занед.

МУҲИМ аст! Муттаассифона ҳатто ҳангоми мавҷудияти ҳуҷҷати бақайдгирии дуруст тартибдодашуда ҳам кормандони политсия ё СММ ВКД дар Россия ҳуҷҷатҳои Шуморо санҷида метавонанд гӯянд, ки ҳуҷҷатҳои Шумо сохтакорӣ шудааст ва бо ҷарима ё хориҷсозӣ аз кишвар таҳдид намоянд.Баъзан онҳо барои ҳалли масъала пора талаб мекунанд. Дар хотир доред, ки агар Шумо пора диҳед – бо ин кор инчунин ҷиноят содир мекунед. Эҳтиёт бошед!

МУҲИМ аст! Ягон кас ҳуқуқ надорад, ки шиносномаи Шуморо аз дасти Шумо гирад – на корманди политсия, на корманди хадамоти муҳоҷират.



# Манъи воридшавӣ

Ҳар як шаҳрванди хориҷие, ки дар давоми 3 сол 2 ва ё зиёда аз он қонунвайронкунии маъмурӣ содир кардааст, даромади он ба Россия метавонад манъ карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки агар ба Шумо ақаллан як маротиба ҷарима нависта бошанд, ҳама гуна ҷаримаи минбаъда метавонад ба он оварда расонад, ки баъди аз ҳудуди Россия баромадан якчанд сол Шумо ба он ҷо баргашта даромада наметавонед. Ҷарима масалан барои он, ки Шумо натавонистед саривақт бастаи ҳуҷҷатҳои худро барои патент дар давоми 30 рӯз аз рӯзи воридшавӣ ба Россия пешниҳод кунед, барои бе билет аз нақлиёти ҷамъиятӣ истифода бурдан, барои дар кӯча аз ҷои нодуруст гузаштан, барои нодуруст ҷойгир намудани автомашина, барои дар ҷои ҷамъиятӣ нӯшидани нӯшокиҳои спиртӣ ё барои вайрон кардани қонун аз ҷониби Шумо ҳамчун шахси мансабдор ва ғ. навишта шавад.

Дар хотир доред, ки агар Шумо дар Россия бошед ва номи Шумо ба рӯйхати шахсоне, ки воридшавии онҳо ба Россия манъ карда шудааст, ворид карда шуда бошад, ба Шумо барои аз нав гирифтани патент рад мекунанд ва патенти амалкунандаи Шуморо бекор мекунанд!

Агар Шумо бо мақсади ҷарима нагирифтан ҳамаи ҳуҷҷатҳои барои патент заруриро саривақт дар давоми 30 рӯз аз рӯзи даромад ба Россия ҷамъ карда натавонед, метавонед ба ягон дигар кишвари дилхоҳ (ғайр аз Беларус, зеро дар он ҷо ба Шумо корти муҳоҷират намедиҳанд) баромада боз аз нав дароед. Дар ин ҳолат Шумо барои пешниҳоди ҳуҷҷат барои патент 30 рӯзи дигар вақт пайдо мекунед. Муҳимаш риоя намудани қонунгузорӣ дар бораи муҳоҷират аст: бе патент дар Россия метавонед на зиёда аз 90 рӯз аз 180 рӯз зиндагӣ кунед. Пас аз баргаштан ба Россия Шумо вазифадор ҳастед, ки ҳар дафъа худро аз сари нав ба қайд монед.

Агар ба Шумо ҳамчун ба шахси мансабдор (яъне дар ҷои кор) ҷарима нависанд ва Шумо боварӣ доред, ки ягон қонунро вайрон накардед, ҳатман кӯшиш кунед, ки нисбати ҷаримабандӣ шикоят кунед: дар аксари ҳолатҳо қонун иҷозат медиҳад, ки дар давоми 10 рӯз шикоят пешниҳод кунед.

СММ ВКД махзани маълумоти худро оид ба шахсоне, ки барои онҳо даромадан ба Россия манъ карда шудааст, дорад: **http://services.fms.gov.ru/info-service.htm?sid=3000**. Аммо ин махзани маълумот пурра нест, дар он ҷо зуд-зуд хато мешавад. Мутаассифона инчунин муайян кардани он, ки кадом сохтор даромадани Шуморо манъ кардааст ва ба куҷо барои шикоят муроҷиат кардан мумкин аст, мушкил мешавад. Илова ба ин, маълумоти дар ин махзани маълумот ҷойгиркардашуда танҳо ҳамчун маълумотнома (справочная) истифода мешавад. Маълумоти дақиқро оид ба ҳар як шахс танҳо дар Россия тавассути муроҷиати расмӣ ба СММ ВКД ва гирифтани мактуби ҷавобии расмии онҳо муайян кардан мумкин аст.

## БО МО ТАМОС ГИРЕД:


**Адрес: г. Москва, ул. Большая Тульская, д. 10, стр. 1, офис 132**

**Электронная почта: novoprof@novoprof.net**

**Телефон: +7(977)688-59-57**


**САЙТ НОВОПРОФ**

**NOVOPROF.NET**



**Телефони Сафорати кишвари Шумо (ворид кунед):**




ПРОФСОЮЗ РАБОТНИКОВ ПИЩЕВОЙ И ТАБАЧНОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ, ТОРГОВЛИ, УСЛУГ И СМЕЖНЫХ ОТРАСЛЕЙ

НОВОПРОФ

Москва

2021